# СОЛИ НАВ ФАРХУНДА БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №23-24 (99-100) 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2018, ДУШАНБЕ

Боиси шукргузорист, ки соли 2018 бо вуҷуди рӯйдодҳои ниҳоят муҳимму хотирмон ва саҳифаҳои таърихиву дурахшони худ барои мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон сипарӣ шуда, соли нави 2019 фаро мерасад.

Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26.12.2018 соли равон барои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буда, муҳимтарин саҳифаҳои муқаддаси онро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавии мамлакат оғози татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об - «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва ба кор андохтани агрегати якуми неругоҳи барқи обии Роғун, яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон ташкил медоданд.

Умедворем, ки мардуми тамаддунофару фарҳангсолор, ватандӯсту заҳматкаши тоҷик таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат дар соли нави 2019 бо мақсади таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, инкишофи инфрасохтори деҳот, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо меҳнати ҳалол ва заҳмату талошҳои шабонарӯзӣ ба корҳои ободониву созандагӣ камари ҳиммат баста, Тоҷикистони азизро ба як гӯшаи ободу зебо ва пешрафтаву дилписанди олам табдил хоҳанд дод.

Садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омодагии ҳамешагии хешро ҷиҳати иҷрои дастуру ҳидоятҳои Сарвари маҳбуби тоҷикон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили ихтисоси омӯзгорон, боло бурдани сатҳу сифати таълиму саводнокии донишҷӯён, такмили сатҳи забондонӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, тарбияи ҷавонони худогоҳу меҳанпараст, ташаббускору босавод ва бархурдор аз дастовардҳои илму технологияи муосир изҳор менамояд.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш бо камоли эҳтиром тамоми мардуми шарифи кишвар, устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2019 самимона табрику шодбош гуфта, ба онҳо тансиҳативу рӯзгори обод, саодатмандию сарбаландӣ ва комёбиҳои нав ба навро дар ҷодаи корҳои созандагию бунёдкорӣ ва пешрафти Ватани маҳбубамон – Тоҷикистони азиз таманно менамоем.



**Соли 2018 бо рӯйдодҳои ниҳоят муҳимму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буд.**

**Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест.**

**Дар баробари ин, соли ҷорӣ “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” қабул гардид ва имконияти сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.**

**Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

и.в. муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА

Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА

Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҷиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Исмоил Шарифзода

# ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА РАВАНДҲОИ МУОСИРИ РУШДИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО



Тахти ин унвон санаи 8-уми декабри соли 2018 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон конференсияи байналмилалии илмию амалӣ баргузор гардид.

Чорабинии мазкур бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон доир карда шуд.

Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бо сухани ифтитоҳии ректори ДМТ, академики Академияи илмҳои ҶТ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ оғоз гардид. Мавсуф зимни ироаи сухани ифтитоҳии хеш ҳозиринро ба муносибати 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон табрику шодбош намуда, иброз намуданд, ки баргузории чунин чорабиниҳои сатҳи баланди илмӣ дар инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши боризи худро мегузорад.

Сипас, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек бо сухани шодбошӣ баромад намуда, нақш ва мавқеи Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро дар инкишофи қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ дар самти ҳуқуқи инсон баланд арзёбӣ намуд. Мавсуф зимни ироаи сухани шодбошӣ қайд намуд, ки ҶТ дар самти ҳуқуқи инсон ба дастовардҳои беназир ноил гардидааст, ки дар ин кор саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар сохторҳое, ки бевосита ба ҳуқуқи инсон сару кор доранд, самараи ташаббусҳои Пешвои миллат дар бахши таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ҳар фард мебошанд. Бинобар ҳамин, баргузории конференсияи мазкурро идомаи сиёсати давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳуқуқи инсон унвон намуданд ва ба ҳозирин дар кори конференсия барору комёбӣ таманно карданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Зариф Ализода қайд намуд, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти онҳоро ҳамкорӣ бо ниҳоду сохторҳои илмӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, имсол тасмим гирифта шуд, ки 70-солагии Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ бо факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷашн гирифта шавад.

Дар кори конференсия олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, намояндагон аз вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ВАО ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.



Дар ҷаласаи пленарии конференсия зиёда аз 15 маърӯза дар мавзӯъҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба мисли нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар инкишофи ҳуқуқи инсон, мушкилоти ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ, 70 соли Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон тибқи арзишҳои динӣ-ҳуқуқии исломӣ, таҳлили илмӣ-муқоисавии Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва Конститутсияи ҶТ, пайдоиши ҳуқуқҳои нави инсон ва инъикоси онҳо дар қонунгузорӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ, амнияти давлат ҳамчун асоси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инъикоси ҳуқуқи инсон дар сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғ. пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Конференсия кори худро дар се бахш ба роҳ монда, дар он зиёда аз 60 маърӯза бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли бевосита ва ғоибона пешниҳод гардиданд. Маърӯзаҳои мавриди баррасӣ қарор гирифта фарогири масъалаҳои мубрами назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ; гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон буданд.

Дар фарҷоми конференсияи байналмилалӣ иштирокчиён қатънома қабул намуданд. Таъкид гардид, ки таклифу пешниҳодҳо ва натиҷаҳои конференсия барои такмили қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқии кишвар ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастрас карда мешаванд.

**Таҳияи**
**Ҷ. САЪДИЗОДА**

# ХУШХАБАР



Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки дар факултет рӯз то рӯз сафи устодони унвондор меафзояд. Аз ҷумла, санаи 25 декабри соли 2018 ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Неъматуллоев Умед Эмомович дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди институти нотариат дар Тоҷикистон» дифоъ намуд. Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Неъматуллоев Умедро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба ӯ фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамоянд.

# DEBATE CHAMPIONSHIP IN HONOR OF THE UNIVERSAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS



On the 10th of December the law faculty's debate club «Cyrus's inheritors» held a championship between teams from three universities in honor of 70th anniversary of The universal declaration of human rights. Teams from Tajik National University, Tajik-Slavonic University and Institute of government administration competed for the Cyrus Cup 2018. This is the second anual debate championship and each year the organization is getting better. The winners of this year's Cyrus Cup was the Justice team. The debates were heated, interesting and gripping. It's worth to mention that the faculty administration, specifically the dean of the law faculty provided huge support for the club and the event on December the 10th. The creators of the club and its president will graduate tgis year, so let's hope the next generation will carry out their duties and make this club flourish.



# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

Семинари илмӣ-назариявӣ устодони ҷавони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки тибқи нақшаи кории кафедра барои соли хониши 2018-2019 тасдиқ шудааст, 22 декабри соли 2018 баргузор гардид ва дар кори он муаллими калон Салихов З.И., ассистентон Қодиров Н.А., Саломов И.И., ва аспирантон Абдуллозода Ё., Сайфиддинова М.А., бо маърӯзаҳо баромад намуданд. Дар семинари илмӣ-назариявии мазкур мавзӯъҳои «Конвенсия Монреал дар танзими ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоии борҳо» (Салихов З.И.), «Инкотермс соли 2000-2010: умумият ва тафовути онҳо» (Қодиров Н.А.), «Тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ: масоили назариявӣ ва амалӣ» (Саломов И.И.), «Масоили бақайдгирии давлатии китъаҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Сайфиддинова М.А.), «Предмет ва методи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» (Абдуллозода Ёқуб) мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Дар ин ҳамоиш устодон ва аспирантони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ширкат намуданд. Семинари илмӣ-назариявиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ дотсент Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, сипас маърӯзачиён оид ба мавзӯи матраҳшуда гузориш доданд.

Дар хотимаи семинари илмӣ устодон Абдуллоев П.С., Ғаюров Ш.К.,Раҷабов М.Н., Махмудов И.Т., Сангинов Д.Ш., Қодиркулов Х.Р., Сулаймонов Ф.С.,Ҷаҳонгир Саъдизода ва дигарон оиди баромади устодон мухокима ва пешниҳодҳо намуданд.

**Тахияи**
**Некрӯз ҚОДИРОВ**

# ДИПЛОМИ КОА БА УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТ

Боиси хушнудӣ ва ифтихору сарфарозии мо ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аст, ки иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Саъдизода Ҷаҳонгир, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Холиқов Шералӣ Лоиқович ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Соибов Зайниддин Махмадшарипович санаи 29 октябри соли 2018 тахти №103 ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Шоев Фирӯз Махмадаминович санаи 4 декабри соли 2018 тахти №134 дар натиҷаи талошҳои пайваста дар ҷодаи интихобкардаашон, бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ сарфароз гардиданд.



# ҒОЛИБИЯТИ НАВБАТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ

Ҳамасола донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар риштаҳои гуногуни варзиш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Таърихи 24-25-уми ноябри соли равон мусобиқаи варзишӣ оид ба «варзиши сабук» даври сеюм миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯёни соли 5-ум Холиков Исломҷон ва Гадобоев Комрон тахти роҳбарии устоди кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДМТ, устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ Куралов Фарход Ҳамзалиевич мушарраф ба ҷойҳои якум ва сеюм шуданд.



Садорати факултет ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Холиков И. ва Гадобоев К.-ро бо ин дастовардашон табрик намуда, ба онҳо дар ҷодаи варзиш ва касби пешанамудаашон фатҳи қуллаҳои баландро орзу менамоянд.

# MAINTENANCE OF THE STUDENT'S SCIENTIFIC RESEARCH WORK



**Afzali M.K.- the chief of students' scientific club at the Foreign Languages Department, docent.**
**Gafurova M.- the second year student, the chairman of students' scientific club.**

English scientific students club has been successfully acting at the Department of Foreign languages of the Law Faculty for many years. During conferences, the students present their reports on various vital problems both policy and jurisprudence. Such kind of activity teaches students the methods of scientific research, encourages their initiative as well as maximally motivate them. Rapid development of life creates specific difficulties in people's interaction and their adaptation. In such conditions society needs competent specialists knowing at least two foreign languages. Academic curriculum provides them such opportunities. Student has to master not only English but other foreign languages as well. (e.g. German, Chinese or Arabic). But unfortunately, they face a great difficulty to speak foreign language fluently. It has been widely recognized that one of the most difficult challenges in teaching a foreign language is finding ways to help students improve their oral fluency. Scientific clubs create a Talking Zone. The aim of these activities is to increase student's speaking practice. Each procedure (Talking Zone, Speaking Line, and Conversation area) has oral fluency as its goal. Each has to be designed to help teaches to assist their students in bringing the gap between their written and speaking skills. Recently, on November 9th, the Faculty of Law organized joint intercollegiate students' conference. The students from various higher educational establishments took part at the conference. The students of Bokhtar University named after Nosir Khusrav presented interesting repots. The 5th year student Tilloeva Zebonigor had done the report on violation of constitutional rights. It has to be mention that the first year students: Rahimov Muhammad, Rahmon Farangiz, Yormahmadzoda Mehrubon, Holova Nushofarin, Nuralizoda Furuzonfar, Muhammadjonov Maruf, Davlatzoda Aziza, Holov Mehrob, Pirov Firdavs, Tashripov Shamil and others presented their reports on human rights protection, violation of human rights, the role of political parties, peculiarities of written and unwritten constitutions, drug control etc, as well.

The range of possible reports is quite broad, and many of the students - developed topics are unique. For instance, the themes on: drug addiction, drug dealing, terrorism, religious extremism, military crimes, cyber-crimes, human resources, human rights protection, the problems of abolishing torture, migrations problems, etc. The students must decide on a topic, gather information, prepare a five to eight – minute speech, and deliver it in front of their classmates before presenting it at the actual contents. Drafts of the speech are given to a teacher. Students must attend the weekly meetings of the debate club. They are expected to participate as part of a debate team several times during the semester, while at other meetings they listen to debates and loin the following – up discussions.

Those students with little experience in English also have to be involved in such activities. They especially need guidance by the teacher through the process. Some students may fell confused or unmotivated by the shift of responsibility, so it is helpful to provide a chance for them to give feedback in class on project topic and their progress. This feedback may be structured, for example, with a checklist for students to describe difficulties they had, benefits of the project, and whether they achieved what they hoped to.

Thus, involving students in participating at the clubs is just one way to help them gain confidence in their ability to manage their own learning and more further along the road to becoming professional specialists in all spheres of life.

# БОЛО БУРДАНИ САТҲИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОРОН ВАЗИФАИ АСОСИИ МОСТ

## (ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ)



**Дилшод РАҲМОН**
декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

Мувофиқи моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Имсол низ дар Паёми худ Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриамонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Паёмҳои Президенти мамлакат кулли соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла иқтисодиёту иҷтимоиёт, сиёсату фарҳанг, махсусан ҳаёти ҳуқуқии кишварро фаро мегиранд.

Зимни ироаи Паём Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии кишвар, ҷараёни иҷрои татбиқи вазифаву ҳадафҳои стратегӣ дар тамоми самтҳо, вазъи мавҷудаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯзгори кишвар бо дарназардошти таҳаввулоти ҷаҳони муосир андешаронӣ намуда, мақсадҳои навро муайян ва мушаххас сохтанд.

Дар баробари ин, Пешвои миллат дар Паёми имсолаи хеш масъалаи такмил додани иқтидори илмии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҳалли мушкилоти норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгориро махсус таъкид намуда, онҳоро аз проблемаҳои асосии ҳалталаби соҳаи маориф ном burданд.

Албатта, бахри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла дар зинаи таҳсилоти касбӣ на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро таълиму тарбия намоем.

Пешвои миллат доир ба масъалаи номбурда борҳо дар Паёмҳои пештараи худ низ таъкид ба амал меоварданд, ки падару модарон ва аҳли зиёиёни кишвар бояд диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи доништомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд.

Имрӯз вақти он фаро расидааст, ки аҳли маориф ва ҷомеа ба масъалаҳои сифати таълиму тарбия диққати ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани шуур ва маърифатнокию ҷаҳонибинӣ, ифтихори ватандорӣ ва масъулияти шаҳрвандии фарзандон саҳми арзанда гузоранд.

Таъмини таълими самарабахш аз худи омӯзгор вобастагии ногусастанӣ дорад. Омӯзгор шахсест, ки дар ҳаёти худ бо инсон машғули кор шуда, барои наврасон оянда месозад. Аз ин рӯ, бояд ҳар як омӯзгор дарк намояд, ки фаъолияти ӯ ба бунёди ояндаи дурахшон вобаста мебошад. Ҳар як омӯзгор худ пеш аз ҳама бояд муҷаҳҳаз бо унсурҳои касбият бошад, то ин ки тавонад аз худ шахсиятҳои ватандӯсту ватанпараст ёдгор гузорад. Омӯзгоронро зарур аст, ки барои баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи худ пайваста тадбирандешӣ намоянд. Пешвои муаззами миллат бамаврид таъкид медоранд: «Мо захмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо менамояд, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш намоянд».

Бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, имрӯз қариб тамоми шароитҳои лозима аз ҷониби давлат фароҳам оварда шудааст, ки танҳо дуруст ва мувофиқи мақсад истифода намудани онҳо қобилияти зеҳнии таълимгирандагонро талаб менамояд.

Дар Паёми Пешвои миллат ба ду проблемаи муҳимми соҳаи маориф дахл карда шуд, ки ин ҳам бошад, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар ба ҳисоб мераванд.

Бояд иброз намуд, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ бахри аз байн бурдани проблемаҳои номбаргардида пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Чун анъана дар факултети ҳуқуқшиносӣ нафароне барои пешбурди фаъолияти таълимӣ пазируфта мешаванд, ки аз унсурҳои таҳсилотӣ (забондонӣ, қобилияти эҷодӣ, касбият) бархӯрдор мебошанд. Дар самти таъмини кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ бештар ҷалби омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монда шудааст. Минбаъд низ ҷалби омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос самти фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ боқӣ хоҳад монд.

Баланд бардоштани савияи дониши донишҷӯён дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ қарор дорад. Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии донишҷӯён дар факултети ҳуқуқшиносӣ гурӯҳҳои русӣ ва англисӣ ташкил карда шудааст. Омӯзгорони забондон ва соҳибтаҷриба дар гурӯҳҳои мазкур аз фанҳои гуногуни ҳуқуқӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ дарс мегӯянд. Сол то сол сафи омӯзгорони забондон дар факултети ҳуқуқшиносӣ зиёд гардида истодааст. Аз ҷумла, ҳамасола хатмкунандагони забондон ва лаёқатманд ба ҳайси омӯзгор дар факултети ҳуқуқшиносӣ ба кор қабул карда мешаванд, ки онҳо барои рушди забондонии донишҷӯёни ин даргоҳ ва тарбияи кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат саҳми арзандаи худро мегузоранд. Ин ҳама тадбирандешии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақсади омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар арсаи байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар партави ҳидоятҳои пайвастаи Пешвои миллат аз ҷониби факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бобати омодагии ҳамаҷонибаи омӯзгорони ҷавон лоиҳаи «Барномаи баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи омӯзгорони ҷавони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» омода гардида, аз назари ҳуқуқшиносон ва педагогҳо гузаронида шудааст. Қабули барномаи мазкур барои тарбия ва омодасозии мутахассисони рақобатпазири бозори меҳнат ва ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалӣ нақши худро хоҳад гузошт.

Вобаста ба проблемаи норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи касбии устодон садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ анҷоми корҳои зеринро ба нақша гирифтааст:

а) пайваста ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони ҷавон;

б) бештар ба кор ҷалб намудани нафарони забондон;

в) зиёд намудани ташкили дарсҳои кушоди омӯзгорони ҷавон;

г) тасдиқи «Барномаи баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи омӯзгорони ҷавони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон».

Вобаста ба проблемаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ анҷоми корҳои зеринро саривақтӣ меҳисобад:

а) баланд бардоштани ҳисси масъулияти касбии омӯзгорон;

б) ҷоннок намудани фаъолияти Шӯрои методӣ ва ташкили гурӯҳҳои корӣ барои санҷиши сатҳи омодагии омӯзгорон ва қобилияти дарсгузарии онҳо;

в) омода намудани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ барои тамоми фанҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ;

г) ба донишҷӯён дастрас намудани маводи зарурии таълимӣ барои ҳар як фан;

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигар, ки дар Паёми Пешвои миллат ба он диққати махсус зоҳир гардид, баланд бардоштани фарҳанги экологӣ (экологии) аҳолӣ ва оқилонаву сарфакорона истифода намудани захираҳои обӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз давлатҳои ташаббускор дар соҳаи об шинохта шудааст. Бахри истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ пешниҳодҳои судманд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

Чандин сол мешавад, ки дар ин самт садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо ҷалби олимони ҷавон тадқиқотҳои илмиро роҳандозӣ намуда истодааст. Дар ҳайати факултет кафедраи ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ фаъолият дорад, ки омӯзгорони он тамоми фанҳои вобаста ба ҳифзи табиат ва муҳити зистро ба донишҷӯён дарс мегӯянд. Аз ҷониби факултет пайваста ҳамоишҳои илмӣ вобаста ба ташаббусҳои байналмилалии ҶТ оид ба масъалаҳои обӣ ва ҳифзи муҳити зист баргузор карда мешаванд ва соли оянда чандин конференсия ва мизҳои мудаввар ба нақша гирифта шудааст. Тадбирҳои мазкур, махсусан ба роҳ мондани раванди омодасозии рисолаҳои илмӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва оқилонаву сарфакорона истифода кардани захираҳои обӣ ба амалишавии дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат алоқаманд мебошанд. Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ тасмим гирифтааст, ки минбаъд ташкили ҳамоишҳои илмиро дар самти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаву сарфакоронаи замин ва захираҳои обӣ ба роҳ монад.

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН

Хариду фурӯши одамон, ки рахнае ба ҳуқуқи инсон дониста мешавад, дар шароити ҳозира тахти диққати ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро он ҳамчун падидаи манфӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ зарари ҷуброннопазир мерасонад. Хариду фурӯши одамон падидаи иртиҷоии бисёрҷабҳа ва хеле мураккаб буда, ба муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа иртибот дорад. Одамҷалобон барои ба мақсади нопоки худ расидан роҳҳои гуногунро мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз ин рӯ, вобаста ба тақозои ҷомеа ва маҳорати одамҷаллобон дар



Анвар САФАРЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, дотсент

самти коркарди роҳу воситаҳои нави савдои одамон, зарурати пешгирии он ба миём меояд. Бинобар ин, олимону донишмандон ва кормандони соҳаи амалия бояд ба ин самт назарри ҷиддӣ дошта бошанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур хостем якчанд фикру андешаҳои худро баён дошта бошем. Масъалаи аввал, дар самти хариду фурӯши одамон ин роҳҳу воситаҳои ба даст овардани қурбониёни савдои одамон мебошад. Роҳу воситаҳои ҷалби қурбониёни савдои одамонро мо шартан ба се гурӯҳ ҷудо намудем:

**1. Таъсиррасонии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ барои розикунонии қурбониёни эътимолӣ.** Барои ба боварии қурбониён даромадан онҳо бо роҳи фиреб роҳҳои ба кор таъминкунӣ дар хориҷи кишвар, бо маоши хуб ва ҷои зисту таъмини хӯрока, сафарҳои сайёҳӣ, ба шавҳар баромадан ба шаҳрвандони хориҷӣ, бақайдгирии ҷои зисту аҳди никоҳ, иштирок дар озмунҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ, фарош дар меҳмонхонаҳо ва пешхизмат дар тарабхонаҳо ва ғайраҳоро истифода мебаранд.

**2. Ҳолатҳои ба хариду фурӯши одамон алоқамандӣ надошта.** Ба монанди одамрабоӣ, ба гарвгон гирифтан ё фиреб кардан бо мақсади ба соҳибиятӣ каси дигар супордан, интиқол додан барои хариду фурӯш ва истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ.

**3. Роҳҳо ва тарзҳои дигари ҷалбкунии қурбониёни эътимолиро истифода мебаранд:** тайёр кардан ва овехтани эълонҳо барои таъмини кор дар хориҷи кишвар, эълон намудани аҳди никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ дар хориҷи кишвар (бо пешниҳоди сабти аҳду никоҳ) ва таҳсил дар хориҷи кишвар ба воситаи шиносҳо, рафиқҳо ва сайтҳои интернетӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тарзҳои ҷалбкунӣ дар ҶТ хусусиятҳои хоси худро дорад. Одамҷалобон ба воситаи шиносҳо, хешу табор, ҳамшаҳригӣ, ҳамкорҳо ва дигар роҳҳо аз гурӯҳи зерини одамон қурбониҳоиояндаи эътимолиро ҷустуҷӯ мекунанд, ба монанди аз оилаҳои камбизоат, ки шароитҳои иқтисодиашон вазнин аст, аз оилаҳои душвортарбия ва носолим, аз оилаҳое, ки падар ё модари худро гум кардаанд ва ё оилаҳое, ки бе сарпараст мондаанд. Онҳо медонанд, ки ин гурӯҳ одамон зудбовар мешаванд ва бо роҳи фиреб, қалобӣ ва сӯистифодаи боварӣ онҳоро метавонанд розӣ кунонанд ва барои истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ ба хориҷи кишвар интиқол диҳанд.

Таҳлили таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон дар тамоми минтақаҳои Тоҷикиситон нишон дод, ки дар самти пешгирии он як қатор мушкилот вуҷуд дорад. Бо мақсади ташкили самараноки пешгирии ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон ҳар як мушкилоти ошкоршударо бо пешниҳоди роҳи ҳалли он бо мақсади пешгирии он дар оянда як-як зикр менамоем:

1. Яке аз мушкилот он аст, ки сафари такрории ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон таҳти назорати доимӣ қарор надорад. Таҳлили таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки аз ин баъзе аз қурбонии ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯш худашон ба содиркунандаи ҷинояти хариду фурӯш табдил ёфта, дигар қурбониҳоро ба ин ҷиноят ҷалб намудаанд ё такроран боз ба давлатҳои хориҷа сафар намуда, қурбонии одамҷалобон қарор гирифтаанд. Баҳри пешгирии чунин ҳолатҳо, бо мақсади таъмини амнияти худи ҷабрдидагон, мумкин аст дар фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳҳои оҳан рӯйхати ин ҷабрдидагон нигоҳ дошта шуда, дар ҳар ҳолати мушаххаси такроран сафар кардани онҳо ба мақомоти амният ё корҳои дохилӣ хабар дода шуда, сабабҳои сафари онҳо аниқ карда шуда, пас ба онҳо иҷозати сафар дода шавад.

2. Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба хариду фурӯши одамон нишон дод, ки то имрӯз бо даҳҳо парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо ном ё тахаллуси одамҷаллобон ё ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон маълум мебошад, вале шахсияти онҳо ба пурраги маълум карда нашудааст. Маълум набудани шахсияти одамҷаллобон боиси он мегардад, ки онҳо беҷазо монда, фаъолияти ҷинояткоронаи худро идома медиҳанд ва боз доираи бештари ҷабрдидагонро ба доми худ мекашанд.

3. Хазинаи ягонаи электронӣ марбут ба ҷиноятҳои хариду фурӯши одамон бояд маълумотҳои зеринро фаро гирад: -маълумотҳо дар хусуси ҳамаи парвандаҳои ҷиноятии оғоз ва тафтишшуда; -ному насаб ва маълумотҳои анкетии ҳамаи одамҷаллобони маълум; -ному насаб ва маълумотҳои анкетии ҳамаи ҷабрдидагони маълум; -рӯйихати алоҳидаи ҷабрдидагоне, ки минбаъд ба дараҷаи одамҷаллобон сабзида расидаанд; Албатта, чунин маълумотҳо дар ВКД ҶТ ҷамъ мешаванд, вале бурдани ҳисоботи алоҳида дар доираи Хазинаи ягонаи электронӣ марбут ба ҷиноятҳои хариду фурӯши одамон ба нафъи кор мебуд.

4. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳои илмӣ-амалӣ марбут ба робитаи ҳодисаҳои худкушӣ ба ҷиноятҳои хариду фурӯши одамон гузаронида нашудааст. Айни ҳол маълумоти аниқ маълум нест, ки чанд нафар ҷабрдидагони ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон даст ба худкушӣ задаанд, ҳол он ки маълумотҳои оперативӣ дар ин хусус мавҷуданд.

5. Аз ворид намудани моддаи $130^1$ (хариду фурӯши одамон) ба Кодекси ҷиноятӣ 10 сол сипарӣ гардид. Аз ин рӯ, бояд бо гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ муносибати шаҳрвандон ба ин падида пас аз 10 соли криминализатсияи он муайян карда шавад. Вобаста ба натиҷаи онҳо афкори ҷамъиятии зидди ин зуҳуроти зиддиқонунӣ бештар қувват дода шавад.

6. Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои хариду фурӯши кӯдакон бояд занҳои ҳомила ба таваллудхона дар асоси шиносномa ё дигар ҳуҷҷати муқарраркунандаи шахсият, ки расм дорад, қабул карда шавад. Дар ҳолатҳои таъҷилан ворид шудани зан низ аз хешовандонаш талаб карда шавад, ки то ҷавоб шуданаш шиносномаи зан ё дигар ҳуҷҷати муқарраркунандаи шахсият, ки расм дорад, пешниҳод карда шуда, дар асоси он шахсияти зан муқаррар карда шавад.

7. Дар ҳолатҳои алоҳида шаҳрвандон тартиби фарзандхониро намедонанд, ё тартиби мазкурро вайрон кардаанд ва пас аз гирифтани кӯдак ба зани зоима сарупо кардаанд, матоъ додаанд, ё маблағ барои табобат ё барқарор кардани организми худ пас аз таваллуд додаанд. Агар аз рӯи нишонаҳои зоҳирӣ баҳо диҳем, ҳаракатҳои чунин шахсон бояд бо моддаи 167 қисми 2 банди «б» (хариду фурӯши ноболиғон аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ) бандубаст шавад ва мувофиқи талаботи моддаи мазкур бояд онҳо ба муҳлати аз 8 то 12 сол (!) аз озодӣ маҳрум карда шаванд, ки ин албатта аз рӯи хавфи ҷамъиятиаш арзандаи чунин ҷазои вазнин нест. Аз ин рӯ, дар ҳамаи ҳолатҳое, ки нафарони фарзандро гирифта, баҳри дастгирии модари кӯдак, аз ҷумла, баҳри барқарор кардани саломатиаш ба ӯ кӯмаки моддӣ расонида бошанд, ҳатто маблағи муайяни пулӣ дода бошанд (албатта бояд маблағи калон набошад), ё ба ӯ ягон тухфа дода бошанд (на барои пардохти «арзиши» кӯдак) бояд нисбати ҳарду тараф, бинобар мавҷуд набудани ҳодисаи ҷиноят ва дар ҳолатҳои алоҳида, бинобар мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷиноят аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда, дар ин хусус ба тарафҳо хабар дода шавад. Инчунин, бояд ба мақомоти васоят ва парасторӣ бо мактуби алоҳида дар ин хусус хабар дода, ба онҳо фаҳмонида шавад, ки барои тифли навзодро фарзандхонӣ намудани нафарони зикршуда мусоидат намоянд. Маҳз дар ҳамин ҳолат адолати иҷтимоӣ



Тақдиршоҳ ШАРИПОВ
д.и.ҳ., профессор

барқарор карда хоҳад шуд.

8. Дар мақомоти тафтишотӣ тақсимбандии муфаттишон аз рӯи категорияи парвандаҳои ҷиноятӣ ба роҳ монда шуда, ба тафтиши ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон асосан муфаттишони ботаҷриба, ки таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро доранд, ҷалб карда шаванд.

9. Дар телевизион силсилаи барномаҳо оид ба масъалаи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ташкил дода шаванд. Аз ҷумла, натиҷаи судии ин парвандаҳо, бе зикри ному насаби ҷабрдидаҳо ба мардум ба таври васеъ фаҳмонида шавад. Аз ҷумла, дар ин барномаҳо, бо рӯи пӯшида, ё бе нишон додани рӯй ҷабрдидагон дар хусуси кирдорҳои зишти одамҷаллобон ва азобу уқубати ба истисмори шаҳвонӣ ҷалб шуданашон ҳикоят карда, даъват намоянд, ки ҷавонон аз ин хатарҳо худро дар канор гиранд.

10. Яке аз самтҳои мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон муайян кардани сабабҳои афзоиши фоҳишагарӣ, аз байн бурдани ин сабабҳо ва қувват бахшидан ба раванди мубориза бо ин падидаи ғайриахлоқӣ мебошад.

Ба инобат гирифтани пешниҳодоти зикршуда, метавонад то андозае пеши роҳи ҷинояти мазкурро гирифта, дар як маврид заминаи хуб барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии мардум гарданд.



# НАЗАРЕ БА ДУРНАМОИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

**Рӯзи 18 декабри соли ҷорӣ дар Шӯрои илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми ҶТ ҳисоботи бахши илмҳои ҳуқуқшиносӣ муҳокима гардид. Муҳтавои асосии он бори нахуст дастраси хонандагони рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» мегардад. Умедворам, ки тарғибу ташвиқоти нуфузи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба хонандагони ин рӯзномаи боэҳтиром хуш меояд.**



**Шукрулло ҒАЮРОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Корманди шоистаи ҶТ**

Чи тавре ки аз Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ» ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 22 декабри соли 2017 бармеояд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд». Аз ин андешаронихо бармеояд, ки илми ҳуқуқшиносӣ ва инноватсия бо ҳам алоқаманд мебошанд. Мувофиқи сархати 1 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, таҳти №822, инноватсия маънои «навоварӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадаме асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ» дорад. Иқтидори вай, дар баробари захираҳои молиявӣ, истеҳсолию технологӣ, инчунин аз рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ вобастагӣ дорад. Функсияҳои таҳлилӣ, танқидӣ ва навоварии илмҳои ҳуқуқшиносӣ низ ба он равона шудаанд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ таҷдиди назар карда шаванд, мавқеи ҳуқуқии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда муайян ва механизми танзими (ҳимояи) ҳуқуқҳои ашёӣ ва зеҳнии инсон такмил дода шаванд. Дар ҷомеаи маданӣ ва давлат риояи ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва моликияти зеҳнӣ бояд нуфуз пайдо кунад.

Дар асоси зербанди 4.4. бахши 4 «Илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ»-и «Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҶТ барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 4-уми декабри соли 2014, таҳти №765 тасдиқ шудааст, самтҳои муҳимми илмҳои ҳуқуқшиносӣ такмили методологияи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва давлатшиносӣ, таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ ва амният, масъалаҳои мубориза бар зидди ҷиноятгорӣ, бахусус коррупсия, терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, хариду фурӯши одамон ва ҷиноятгории муташаккили трансмиллӣ ва пешгирии ҷиноятгорӣ, проблемаҳои ҳуқуқи байналмилалии об, ҳуқуқи байналмилалии нақлиёт, ҳуқуқи Аврупо ва ҳуқуқи ислом, масъалаҳои такмили танзими ҳуқуқии молияи давлатӣ, истифодаи мақсадноки сарватҳои табиӣ, ҳифзи рақобати озоди иқтисодӣ, дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, аз байн бурдани мухолифатҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва фазои воҳиди қонунгузорӣ дар ҷумҳурӣ ва инчунин проблемаҳои муносибатҳои ҳуқуқии хизматӣ ва меҳнатӣ ва имтиёзҳо дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Баъзеи онҳо аз ҷониби муаллифони ватанӣ бо таҳия ва ҳимояи намудани рисолаҳои номзадӣ ва ё доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳқиқ шудаанд.

Шӯрои диссертатсионии миллии 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ аз 27 апрели соли 2017, №16 таъсис ёфтааст. Ҳайати Шӯро аз 29 нафар иборат буда, аз онҳо 20 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва 9 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд. 18 аъзои Шӯрои диссертатсионӣ кормандони доимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд.

Шӯрои диссертатсионии миллии 6D.КОА-002 ҳуқуқи баррасии корҳои илмӣ дар 3 самт барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дорад:

- ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ;
- ихтисоси 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ;
- ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

Инчунин дар Шӯрои диссертатсионии миллии 6D.КОА-002 ҳуқуқи баррасии корҳои илмии анъанавӣ (номзад ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯи ихтисосҳои мазкур вуҷуд дорад:

12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ);

12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, ҳуқуқи мунисипалӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ);

12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ);

12.00.04 – ҳуқуқи молиявӣ; ҳуқуқи андоз; ҳуқуқи буҷетӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ);

12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ);

12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ);

12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ).

Дар солҳои 2017-2018 дар Шӯрои диссертатсионии миллии 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, то санаи 30-юми сентябри соли 2018, 1 рисолаи докторӣ ва 14 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шудаанд, ки аксарияти муаллифони онҳо кормандони асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамзамон, масъалаҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ танҳо бо таҳлили ҳимояи диссертатсияҳо маҳдуд намегардад. Илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар робита бо эътибори ҳуқуқҳои фитрии инсон ва сиёсати ҳуқуқии давлат доимо дар инкишоф қарор доранд. Вай ҳамчун ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ аз ҷомеаи олимони ҳуқуқшинос, маҷмӯи муассисаҳои илмии ҳуқуқшиносӣ ва сохторҳои хизматрасон ба онҳо иборат мебошад. Омили инсонии ин падида кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ мебошанд. Омода намудани онҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ба воситаи аспирантура, магистратура, унвонҷӯӣ ва докторантура (PhD) анҷом дода мешаванд. Дар назар аст, ки минбаъд танҳо ба магистратура ва докторантура (PhD) афзалият дода мешавад, ки чунин муносибат дар тарбияи кадрҳои илмӣ эътимоднок ва мувофиқ ба талаботҳои ҷаҳонӣ мебошад. Масъалаҳои таъмини амнияти илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва низоми ҳуқуқии дунявии Тоҷикистон дар робита бо равандҳои ҷаҳонишавӣ бояд ҳалли худро пайдо кунад.

Теъдоди кормандони илмӣ тамоили афзоиш дорад, вале омодагии баъзеи онҳо ҷиҳати навиштани рисолаҳои илмӣ ба талаботи қисми 2 м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника»аз 18-уми марти соли 2015, таҳти №1197 пурра мувофиқат намекунад. Масалан, онҳо уҳдадоранд ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои дигари фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникиро риоя намоянд. Вале баъзе ҳолатҳои ошкорои азхудкунии муаллифӣ (асардуздӣ) ба назар мерасад. Дар интернет дигар амалҳои ношоями илмӣ ба монанди рекламаи харидан ва фурӯхтани таҳқиқоти илмӣ (рисолаҳои илмӣ, лоиҳаҳои дипломӣ, хатмкунӣ ва курсӣ) бо мақсади минбаъд ҳимояи ошкорои он аз номи худ, паҳн карда мешаванд. Чунин иттилооти бад хилофи қонун ва Кодекси одоби илмӣ мебошад ва ба сиёсати давлатӣ оид ба илму техника таъсири бад мерасонад. Бинобар ин, аспирант, магистр ва ё унвонҷӯй, ки ба фаъолияти илмӣ машғул мешавад, бояд соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ ва методологияи таҳқиқоти онро донад ва аз рафтори ношоями илмӣ худдорӣ намоянд. Субъектҳои дигари фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникӣ ҳангоми қабули кормандони илмӣ на ба шумора ва зиёдкунии соатҳои таълимӣ, балки ба сифат ва омодагии касбию салоҳиятнокии онҳо диққат диҳанд. Ба ин масъалаҳои муҳимми соҳа, аз ҷониби муҳтарам Раҳмон Дилшод Сафарбек – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, олими шинохта, аввалҳои моҳи декабри соли ҷорӣ дар Шӯрои васеи олимони факултет, ҳангоми аттестатсияи солонаи аспирантон, унвонҷӯён ва дигар кормандони илмӣ диққат дода шуда, дастур дода шуд, ки кормандони илмии беинтизом ва бесалоҳият ба хориҷ намудан аз донишгоҳ пешниҳод карда шаванд.

Сохторҳои хизматрасон ба илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар фаъолияти илмӣ нақши муҳим доранд. Сухан дар бораи китобхона, чопхона, рӯзномаю маҷалаҳои ҳуқуқшиносӣ ва ғайра меравад. Онҳо дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар шароити ташаккулёбӣ қарор доранд. Дар ҷумҳурӣ китобхона ва чопхонаи алоҳидаи адабиёт ва дигар манбаъҳои иттилооти ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд.

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ соли ҷорӣ 20 номгӯи маҷаллаҳои тақризшавандаи ҷумҳуриро муайян намуд, ки 3 маҷаллаи ҳуқуқӣ («Ҳаёти ҳуқуқӣ», «Маҷаллаи академии ҳуқуқ» ва «Қонунгузорӣ») ба он ворид шуданд. Фаъолияти редаксияҳои маҷаллаҳои мазкур ҷиҳати таблиғоти Кодекси одоби илмӣ ва методологияи таҳқиқоти илмӣ бояд такмил дода шаванд. Бо ба худмаблағгузорӣ гузаштани онҳо, мушкилоти пардохти ҳаққи қалами муаллифон бояд ҳал карда шавад. Ба роҳбарони (мушовирони) илмӣ, кафедраҳо ва садорати факултетҳое, ки самаранокии баланди илмиро таъмин кардаанд, бояд мукофотҳо ва ё унвонҳои фахрии давлатӣ дода шаванд.

Обунашавӣ ба маҷаллаҳои маъруфи ҳуқуқшиносии Русия аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ бояд маблағгузорӣ карда шаванд. Лозим ба ёдоварист, ки теъдоди зиёди конференсия ва семинарҳои илмӣ ба сифатнок гузаронидани онҳо таъсири бад мерасонанд. Баромади баъзе сухангӯён ва омодагии онҳо ба талаботи асари илмӣ мувофиқ нестанд. Охир дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ сухани тоза ва созанда гуфтан кори осон нест.

Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ барои дарёфти унвонҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ мусоидат намуд. Лекин дар ин самт баъзе олимони дараҷаи илмидошта бе унвони дотсент ва ё профессор фаъолият доранд. Омодагиҳои докторант (PhD) дар самти таҳияи рисолаҳои илмӣ ва ба ҳимоя тавсия додани онҳо бояд ҷоннок карда шаванд. Бо мақолаҳои илмӣ муаррифии худ, иштироки фаъолона дар иҷрои нақшаҳои инфиродии таҳсили ҳузурӣ ва мусоидат дар амалӣ намудани дигар чорабиниҳои илмӣ, шинохти онҳоро дар ҷомеаи олимони ҳуқуқшинос таъмин мекунад, ки билохира, риояи пурраи муқарраароти меъёрҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти илмӣ мебошад. Илми ҳуқуқшиносӣ ва рисолаҳои илмӣ бояд пеш аз ҳама барои Тоҷикистон аҳамият дошта бошанд ва ба нафъи кишвари мо хизмат кунанд.

# ОИД БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ФАҲМИШИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Ба ҳамагон маълум мебошад, ки ҳуқуқи инсон маҳаки асосии давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, давлат ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, онҳоро ҳифз менамояд. Аз ин ҷо, илми ҳуқуқшиносӣ дар қатори дигар илмҳои ҷамъиятӣ, бахри мукаррар намудани мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳуқуқи инсон диққати худро равона намудааст.

Яке аз он масъалаҳое, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад-ин масъалаи мафҳуми «ҳуқуқи инсон» мебошад. Бо ибораи дигар гӯем, илми ҳуқуқшиносӣ сари масъалаи «ҳуқуқи инсон чист?» баҳсу мунозираҳои гуногунро барпо менамояд.

Дар бештари маврид, новобаста уҳдадории дигар субъект (субъектон) низ вуҷуд дорад, ки бахри татбиқи ин ҳуқуқ равона карда шудааст.

Дар ин ҷо, унсури аввал саҳми халкунандаро доро мебошад, зеро маҳз имконияти содир намудани ҳаракати муайян ба инсон ҳамон хусусияти иродавии «хоҳам ҳаракатро содир мекунам, нахоҳам намекунам»-ро пешниҳод менамояд, ки маҳз хоси ҳуқуқи инсон мебошад, яъне маҳз ҳуқуқи инсонро ба сифати хостан ва ё нахостани содир намудани ҳаракате, ки мазмуни ҳуқуқи мушаххасро ташкил менамояд, муаррифӣ месозад.

Дар ҳақиқат ҳам, эътирофи ҳуқуқи инсон ба сифати имконияти амалӣ намудани ҳаракат ба ё худдорӣ аз ин ё он беҳаракатӣ ҷиҳати ҳуқуқҳо баррасӣ карда мешаванд.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи инсон ба сифати уҳдадории дигар субъект эътироф карда мешавад. Пас, агар ҳуқуқи инсон арзи вуҷуд дошта бошад, субъекти уҳдадор низ вуҷуд дорад. Масалан, ҳуқуқи моликияти шахс набояд аз ҷониби тамоми дигар субъектон поймол карда шавад. Дар ин ҳолат, ҳуқуқ ба моликияти як инсон уҳдадории дигаронро ба миён меоварад. Чунин ҳолат хоси тамоми ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Вале як қатор ҳуқуқҳои инсон арзи вуҷуд доранд, ки агар аз диди фаҳмиши пешниҳодшудаи ҳуқуқи инсон ба онҳо назар афканем, як қатор саволҳои баҳснок ба миён меоянд. Аз ҷумла, як қатор ҳуқуқҳои аз намудҳои гуногуни мафҳумҳое, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳуқуқи инсон равона менамоянд, ҳуқуқи инсонро чун имконияти содир намудани ин ё он ҳаракат (амал) ҷиҳати қонеъ намудани манфиати мушаххаси инсон мебошад, мефаҳманд. Дар ин асно, маҳаки асосии чунин фаҳмиши ҳуқуқи инсон се унсури асосии он мебошад, ки онҳо имконияти содир намудани ин ё он ҳаракат ва худи ҳаракат мебошад. Яъне, ҳуқуқи инсон:

1) ин имконияти содир намудани ҳаракати мушаххас мебошад, ки мазмуни ҳуқуқи мазкурро ташкил медиҳад (унсури иродавӣ, ки ин унсур ҳуқуқро аз уҳдадорӣ фарқ менамояд);

2) худи ҳаракати мушаххас мебошад, ки бахри қонеъ намудани ин ё он манфиати мушаххаси инсон равона карда шудааст;

3) дар баробари ҳуқуқи инсон қонеъ намудани манфиатҳои инсон, ҳангоми татбиқ намудани ҳуқуқҳои бештари инсон тибқи чунин фаҳмиши ҳуқуқи инсон, асоснок мебошад. Аз ҷумла, дилхоҳ ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ, яъне ҳуқуқҳои шахсони ҷисмонӣ-чун субъекти ҳуқуқи гражданӣ, тибқи ин гуна фаҳмиш дуруст мебошанд, зеро тамоми ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ ба сифати маҳз имконияти содир намудани ҳаракати муайян мебошад. Масалан, ҳуқуқ ба моликият ба инсон имконияти содир намудани як қатор ваколатҳоро дар муомилоти гражданӣ пешниҳод менамояд, ки аз иродаи инсон вобаста мебошад. Бо ибораи дигар, ҳуқуқ ба моликият ба инсон имконияти дар ҳолати хостани инсон истифодаи ашё, фурӯхтани он, ба иҷора додани он ва дигар шаклҳои ихтиёрдориро фароҳам меоварад. Ба ин монанд, ҳуқуқ ба меҳнат, ба таҳсил, ба оила ва дигар инсон вуҷуд доранд, ки ба сифати имконияти содир намудани ҳаракати мушаххас баромад намекунанд. Бо ибораи дигар онҳо ба сифати асоси фароҳамоварандаи имконияти содир намудани ҳаракати мушаххас нестанд.

Масъалаи мазкурро дар мисоли ҳуқуқ ба ҳаёт баррасӣ менамоем. Ҳуқуқ ба ҳаёт агар аз фаҳмиши баррасишудаи ҳуқуқи инсон баҳо дода шавад, пас он ба ҳайси имконияти зиндагӣ намудан бояд эътироф карда шавад. Яъне, агар аз диди ҳуқуқи инсон дар чаҳорчӯбаи фаҳмиши пешниҳодгардида, ба ҳуқуқ ба ҳаёт баҳо диҳем, пас он бояд чунин маъноро доро гардад: ҳар кас имкони зиндагӣ намуданро доро мебошад. Аммо бо фарқият аз дигар ҳуқуқҳои инсон, дар фаҳмиши пешниҳодгардида, ҳуқуқ ба ҳаёт худ ба сифати на имконият, балки ҳаракати мушаххас – зиндагӣ кардан мебошад. Зеро, инсон бо ҳукми тақдир - мехоҳад ва ё намехоҳад, ба ҳаёт омада, миқдори умри ҷудошудаи худро мебинад. Шояд хонандаи гиромӣ саволе пешниҳод кунад, ки: магар манъ будан ва ба сифати ҷиноят эътироф намудани исқоти ҳамл чун имконият дар маънои баррасишавандаи ҳуқуқи инсон баромад намекунад? Посух бояд чунин бошад: не, баромад намекунад. Зеро, манъ будани исқоти ҳамл дар ҳолатҳои и



Фирӯз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ

қонун ба сифати механизми ҳимоя намудани ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии модар, яъне субъекти мавҷуда, равона карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар ҳуқуқи мазкур унсури якуми ҳуқуқи инсон дар фаҳмиши пешниҳодгардида дида намешавад. Лекин, дар ин ҷо, унсури дигари фаҳмиши ҳуқуқи инсон – чун уҳдадории дигар субъектон оид ба вайрон накардани ин ҳуқуқ, саҳми бағоят калонеро соҳиб мегардад. Бо ибораи дигар гӯем, маҳз уҳдадории дигарон ин ҳуқуқро ба сифати ҳуқуқи инсон муаррифӣ менамояд. Зеро, маҳаки асосии ҳуқуқ ба ҳаёт дар маънои ҳуқуқи инсон ин уҳдадории дигар шахсон оид ба халалдор насохтани ҳаёти шахс мебошад. Ба ин монанд инчунин дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон - ҳуқуқ ба қадр, ҳуқуқ ба номус низ бояд баҳо дода шаванд. Ин аст моҳияти ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки Конститутсияи ҶТ онҳоро дахлнопазир эътироф намудааст (м.5).

Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки фаҳмиши ҳуқуқи инсон чун имконияти содир намудани ҳаракати мушаххас, ки таркиби онро ташкил менамояд, хоси ҳуқуқҳои позитивии инсон мебошанд. Ҳуқуқҳои табиии инсон бошанд, ин уҳдадории дигар шахсон буда, маҳз талаби қонун оид ба худдорӣ намудан аз содир намудани ҳаракатҳои муайян, ки ҳаёт, қадр ва номуси инсонро поймол менамоянд, онҳоро ба сифати ҳуқуқ муаррифӣ менамояд.

Бо ин назардошт, чунин хулоса кардан мумкин мебошад, ки фаҳмиши дарҷгардидаи ҳуқуқи инсон, ки асоси онро имконияти аз ҷониби соҳибҳуқуқ содир намудани ҳаракати мушаххас, ташкил менамояд, ба сифати мафҳуми (фаҳмиши) умумии ҳуқуқи инсон эътироф карда шуда наметавонад, зеро он фарогири тамоми ҳуқуқҳои инсон ва таҷассумгари хусусиятҳо ва унсурҳои тамоми ҳуқуқҳо, новобаста аз намуд, моҳият ва мазмуни онҳо, намебошад.



# ЯК СОЛИ ФАЪОЛИЯТ:

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар самти омода кардани мутахассисони болаёқати соҳаи ҳуқуқшиносӣ, таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масоили мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, боло бурдани дониш, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мақоми намоёнро соҳиб мебошад. Факултети ҳуқуқшиносӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба тайёр кардани кадрҳо, иҷрои барномаву стандартҳои давлатии ҳуқуқшиносӣ ҳамчун сохтори таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, таъмини устувор ва босифати кадрҳоро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти ҳуқуқии корхонаву муассиса ва ташкилотҳо, бонкҳо, ташкилотҳои молиявию карзӣ, макотиби олии ҷумҳурӣ амалӣ месозад.

Фаъолияти солонаи факултет бахшҳои таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифта, дар доираи дастур ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ба роҳ монда шуд.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 140 (20 нафараш зан) нафарро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ 122 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Дар қатори онҳо 17 нафарашон доктори илми ҳуқуқ, профессор мебошанд, ки аз ин шумора 2 нафарашон Академики АИ ЧТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ЧТ, 51 нафар дотсент (46 номзади илми ҳуқуқ, 3 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ, аз ин шумора 10 нафарашон зан), 12 нафар муаллими калон (2 нафари онҳо зан ва 1 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ ва 1 нафар номзади илмҳои филологӣ) ва 60 нафар ассистент (7 нафараш зан ва 5 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) мебошанд.

Айни замон таълим дар тамоми шуъбаҳо ва ихтисосҳои факултети ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шудааст.

Раванди таълим бо назардошти риояи муқаррароти стандартҳои давлатии таҳсилот амалӣ мегардад. Ба донишҷӯён беҳтарин мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ дарс мегӯянд. Дар соли сипаригардида бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим Шӯрои илмию методӣ фаъолияти пурсамари худро ба роҳ монда, дар самти баланд бардоштани раванди таълим дар факултет тадбирҳои саривақтӣ андешидааст.

Соли 2018 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Устодони факултет дар соли сипаригардида баҳри иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамаи ин натиҷаҳои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили қонунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Тоҷикистони азиз истифода хоҳанд шуд.




Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ-тадқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ гуногунҷабҳа буда, он ба масъалаҳои гуногуни назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, масоили гуногуни соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди ҳуқуқи гражданӣ,




ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрук, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи нақлиёт ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Боиси сарфарозии ҳамаи омӯзгорон ва кормандони факултет аст, ки дар соли равон Ғаюров Ш.К. доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон ва Ғафуров А.Д. доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат бо медали Хизмати шоиста сарфароз гардонида шуданд. Ҳамзамон, ду нафар аз олимони ҷавони факултет – Ғафforзода Илёс номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва Одиназода Рамазон номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2018 сарфароз гардиданд.

Соли 2018 ба чорабиниҳои муҳимми сиёсии кишвар, аз қабили 21-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ, 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 24-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад. Ба ин муносибат мутобиқи нақшаи Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултети ҳуқуқшиносӣ як қатор чорабиниҳои муҳим баргузор гардид. Дар асоси нақшаи конференсияҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дар боло зикргардида, дар факултети ҳуқуқшиносӣ якчанд конференсияҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, дар давоми соли 2018 дар факултет 3 конференсияи байналмилалӣ, 5 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 5 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ ва 9 семинарҳои илмӣ-назариявӣ баргузор гардиданд.

Садорати факултет баргузории Форуми ҳуқуқшиносони ҷавонро, ки соли 2017 бахшида ба «Соли ҷавонон» дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда буд, дастгирӣ намуда, санаи 9-уми ноябри соли ҷорӣ Форуми II-юми ҳуқуқшиносони ҷавонро баргузор намуд. Дар форуми мазкур ҳудуди 300 нафар олимон ва муҳаққиқони ҷавон, аъзоёни маҳфилҳои илмӣ ва донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки дар риштаи ҳуқуқшиносӣ фаъолият менамоянд, инчунин намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

Самаранокии корҳои илмӣ–тадқиқотии факултети ҳуқуқшиносиро иштироки фаъолонаи омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ нишон медиҳад.

Дар соли сипаригардида аз ҷониби омӯзгорон ва унвонҷӯёни факултет 14 рисолаи номзадӣ ва 1 рисолаи докторӣ дифоъ гардидааст. Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 71 нафар омӯзгорони унвони илмидошта фаъолият мекунанд, ки ин 58,4%-ро ташкил медиҳад. Агар мо ба панҷ соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2018, 2017, 2016, 2015, 2014) назар афканем, шумораи умумии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён, ки рисолаҳои илмии худро дифоъ кардаанд, 40 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 7 нафар рисолаи докторӣ ва 33 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.

Соли 2018 аз нигоҳи самаранокии корҳои илмию тадқиқотии омӯзгорон, яке аз солҳои пурбарор ба ҳисоб меравад. Дар соли 2018 – 807 мавод (соли 2017 – 634, соли 2016 – 617, соли 2015 – 663, соли 2014–650) ба нашр расидааст.

Дар соли 2018 Шӯрои олимони факултет 11 маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти илмӣ ва таълимии факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ин миён 10 ҷаласаи навбатӣ ва 1 ҷаласаи ғайринавбатӣ баргузор



# ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО

гардид. Дар маҷмӯъ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет дар соли тақвимии 2018 49 масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбат ба онҳо 175 қарор қабул гардидааст. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон зиёда 30 мавзӯи рисолаи номзадӣ ва зиёда аз 5 мавзӯи рисолаи докторӣ тасдиқ гардиданд.

Дар соли сипаригардида омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар 250 барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба масъалаҳои гуногун бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ, 21-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 24-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра дар телевизиони давлатии Сафина, Тоҷикистон, Ҷаҳоннамо, Баҳористон, Радиои Ховар, Радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва ғайра баромад ва суҳбатҳо намуданд. Инчунин, зиёда аз 100 нафар донишҷӯёни факултет дар барномаи телевизионии шабакаҳои Тоҷикистон, Сафина ва Баҳористон ба ифтихори рӯзҳои ҷашнӣ дар шакли пахши мустақим мусоҳиба анҷом доданд.




Ба ғайр аз нишондодҳои дар боло зикргардида, омӯзгорони факултет имсол чун ҳарсола ба лоиҳаҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулосаҳои ҳуқуқӣ доданд, аз ҷумла ба лоиҳаи Низомнома оид ба пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои вобаста ба шартномаи махсулотсупорӣ», ба лоиҳа оид ба дигар намудани тартиби рӯёниш дар КҶ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» (13.01.2017), ба лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (5.05.2017) ва «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» (10.05.2017) ва ғайра.

Тибқи супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ як гурӯҳ устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз санаи 8-ум то 17-уми январи соли 2018 дар гурӯҳҳои таблиғотӣ оид ба шарҳу эзоҳи Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат сафарбар шуда буданд. Дар маъракаи таблиғотӣ устодони зерини факултет фаъолона ширкат намуданд: Раҳмон Дилшод Сафарбек – декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Маҳмудов Иззатулло – мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе; Сафарзода Анвар – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия дар шаҳри Ваҳдат; Ғаюров Шукрулло – мудири кафедраи ҳуқуқи граждании дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон; Раҷабов Махмадёр – мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ, Сангинов Дониёр – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон; Назаров Аваз – мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон; Саъдиев Исмоил – устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ноҳияи Фарҳори вилояти Хатлон. Ҳангоми вохӯриҳо нуктаҳои асосии Паём ба аҳли ҷамоатчигӣ тавзеҳ дода шуд.

Дар соли 2018 донишҷӯёни факултет аз ҷиҳати иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд. Аз ҷумла донишҷӯи курси 5-уми шуъбаи рӯзона Изатуллозода Пайрав Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба даст овард. Ҳамчунин бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва ҷашни 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии илмӣ-таҳқиқотӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ таҳти унвони «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2018» баргузор гардид. Баъди ҷамъбаст гардидани натиҷаи озмун дар риштаи ҳуқуқ Изатуллозода Пайрави Нусратулло ҷои 2-юм ва Самандари Қаландар ҷои 3-юмро соҳиб гардиданд.

Бахши тарбияи факултет низ дар соли сипаригардида ба иҷрои корҳои назаррас ноил гардид. Бо мақсади риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ, таъмини раванди муътадили таълим ва тарбия, санҷиши ҳолати риояи либосҳои тавсиявӣ ва давомоти мунтаззами донишҷӯён аз ҳисоби устодони факултет навбатдорӣ ташкил карда шуд. Устодон дар вақту замони муқарраргардида ба ҷойи навбатдорӣ ҳозир гардида, барои таъмини вазъияти муътадил фаъолият менамоянд. Донишҷӯён бо муқаррароти Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 03.07.2007, №14/2), Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 26.06.2009, №13) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши тарбия шинос карда шуданд.

Яке аз корҳои муҳимме, ки дар самти тарбия бар дӯши факултети ҳуқуқшиносӣ вогузор шуда буд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок намудани кормандону донишҷӯёни факултет мебошад. Бо ин мақсад кормандону донишҷӯёни факултет дар чорабиниҳои муҳимми фарҳангӣ бахшида ба таҷлили 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахшида ба кушодашавии агрегати якуми НБО-и Роғун, таҷлил намудани иди Наврӯзи байналмилалӣ ва монанди ин ширкат ва ҳунарнамоӣ карданд.

Бо мақсади ҷалби бевоситаи сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ба раванди таълим ва тарбия дар соли тақвимии 2018 10 ҷаласаи Шӯрои сарпарастон гузаронида шуд, ки дар он ҳар як сарпараст аз фаъолияти моҳонаи кории худ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намуданд. Бахши корҳои тарбиявии факултет бо Шӯрои сарпарастони донишгоҳ дар ҳамбастагӣ фаъолият намуда, дастур ва супоришҳои муҳимми Раёсат ва садорати факултетро тавассути сарпарастони гурӯҳҳои академӣ амалӣ месозад. Дар доираи ҷаласаҳои сарпарастон ҳайати умумии сарпарастон дастур мегиранд, ки дар доираи нақшаи намунавии дарсҳои тарбиявӣ, ҳамчунин оид ба масъалаҳои мубрами




ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар дарсҳои тарбиявӣ баргузор намоянд. Инчунин сарпарастони гурӯҳҳои академӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, аз ҷумла «Истиқлолияти давлатӣ неъмати бебаҳост», «Соли 2018 – Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Таҳлил ва омӯзиши паҳлуҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Таҳлили қонунҳои миллӣ ва нақши онҳо дар пешрафти ҳаёти сокинони мамлакат», «16 ноябр – Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Моҳияти тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Ҷашни Наврӯз – ифодакунандаи фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ», 9 май - «Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028», «Таъсири манфии экстремизм, терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия», «Оқибатҳои ноҳуши ВНМО-БПНМО ва усулҳои пешгирии он дар байни ҷавонон (донишҷӯён)», «Ҷавонон неруи созанда ва пешбарандаи сиёсати Пешвои миллат», «Роғун – кохи нур» ва ғ. дарсҳои тарбиявӣ баргузор намуданд.

Садорати факултет бо мақсади иҷрои Нақша - чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати иҷрои нишондодҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи нишондодҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Оинномаи донишгоҳ, бо баробари шурӯъ гардидани соли таҳсил ташкил намудани силсилаҷаласаҳои волидайнро ба роҳ монд. Ҳамин тавр, дар соли тақвимии 2018 10 ҷаласаи волидайни донишҷӯёни курсҳои 1-ум, 2-юм, 3-юм, 4-ум ва 5-ум баргузор гардид. Дар рафти ин ҷаласаҳо роҳбарияти факултет масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ, донишгоҳ ва факултетро муаррифӣ намуда, падару модаронро ҳушдор сохтанд, ки дар таълим ва тарбияи фарзанди худ бетарафӣ зоҳир накунанд.

Ҳамчунин аз волидайн пайваста даъват баамал оварда мешуд, ки онҳо барои риояи Қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» фарзандони худро сафарбар намоянд.

Хушбахтона, дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба натиҷаҳои назаррас дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ ноил гардида, фаъолияти худро тибқи стандартҳои муқарраргардида пеш бурда истодааст.

**Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ**

# ИФРОТГАРОӢ – ХАТАРЕ БА ҶОМЕАИ БАШАРӢ

Мувофиқи моддаи 8 Конститутсияи ҶТ дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Имрӯз дар заминаи ин муқаррароти конститутсионӣ, ки плюрализми сиёсиро мустаҳкам намудааст, ҳаёти ҷамъиятии мо пеш рафта, ҳар як фарди ҷомеа дар алоҳидагӣ ва давлату ҳукумати ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ, дар бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳм гузошта истодаанд. Дар баробар ин, баъзе гурӯҳҳои ифротгарою тундраве мавҷуданд, ки бо мақсади ноором ии ҷомеа, ноил шудан ба ҳадафҳои шахсии худ ва дигар ғаразу ниятҳои қабеҳ ҷавононро ба роҳи нодуруст мебаранд.

Тибқи Конститутсия ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ аз 21 декабри соли 1965, Конвенсияи СММ зидди ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Экстремизм (ифротгароӣ) ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноором ӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва аз худ намудани салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад.

Барои экстремистӣ (ифротгароӣ) эътироф намудани фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ, фаъолияти ҳизб, ҳаракат ё дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ муқаррар намудан лозим аст, ки ҳаракатҳои онҳо барои ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии ҶТ, зарар расонидан ба амнияти ҶТ, ғасб ё аз худ намудани салоҳият ё ваколатҳои ҳокимият, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, ангезонидани мунокишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин мунокишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст, паст задани шаъни миллӣ, ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, ташвиқот оид ба бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бе хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо, даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда, маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият, равона карда шудааст.



Дар байни ҷавонон ҳастанд онҳое, ки аз лиҳози равонӣ устувор буда, вазъро дар тарозуи ақл санҷида, аз таъсири манфии чунин ҳаракатҳо эминанд. Вале, мутаассифона, дар байни онҳо ҳастанд ҷавононе, ки дар ҷомеа ба мушкилот дучор шуда, роҳи ҳалро дар тундравӣ, ҷомеабадбинӣ, инсонбадбинӣ ва ғайра меҷӯянд. Дар натиҷа, онҳо гумроҳ шуда, ба ташкилоти экстремистӣ ва дигар гурӯҳҳои ба онҳо монанд ҳамроҳ мешаванд. Аз воситаҳои ахбори омма мо ҳамарӯза шоҳид мегардем, ки оқибати чунин амал хуб нест. Оқибат ин гуна шахсон ё ба маҳбас меафтанд ва ё беҳуда кушта мешаванд. Аз ин рӯ, ҷавонони имрӯзаро мебояд зирак бошанд ва роҳ надиҳанд, ки ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои канора ба шуури онҳо таъсири манфӣ расонида, онҳоро дар амалишавии ниятҳои кабеҳи худ истифода кунанд. Дар партави сиёсати созандаи роҳбари давлат ҷавонон бояд масъулиятро ҳис карда, дарк намоянд, киояндаи ҷомеа онҳо мебошанд. Ояндаи Тоҷикистон, ояндаи миллат ва ояндаи хонаводаи ҳар яки мо аз амалҳои онҳо вобастагии калон дорад. Бо дарки чунин масъулияти таърихӣ ҷавонон бояд бештар ба илму маърифат рӯ оранд, дар бартарафсозии фазои холии маънавӣ нақшгузор бошанд. Ҳар қадаре илму дониши ҷавонон зиёд гардад, қоидаҳои одобу эҳтиромро риоя намоянд, ҳамон қадар хатари гароиши онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав камтар шуда, ҳамон қадарояндаи ҷомеаи мо дурахшон мегардад. Бинобар ин, ҷавононро зарур аст, ки аз дарсу таълим ақиб намонда, дар чорабиниҳои давлативу ҷамъиятӣ саҳми худро гузоранд, ба арзишҳои миллӣ ва таърихиву фарҳангӣ арҷгузор бошанд.



Саидмурод МАҲМАДУЛЛОЕВ
котиби маҷлиси судии
суди ноҳияи Фирдавсӣ

# ҲУҚУҚИ ИНСОН – АРЗИШИ ОЛӢ



Раҳматшо МУҲАБАТОВ
донишҷӯи соли 2

Инсон дар давлат ва ҷомеа дорои ҳуқуқҳои ба худ хос мебошад. Ҳар як инсон чун ширкатварзандаи муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба монанди: оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ. ҳуқуқҳоро барои қонеъсозии талаботи худ, мавaффақшавӣ ба ҳадафҳои муайяни хеш истифода мекунад. Бояд фарқ байни ду мафҳум “ҳуқуқҳои инсон” ва “ҳуқуқҳои шахсият” ҷудо карда шавад. Зери мафҳуми ҳуқуқҳои инсон ҳуқуқҳои нисбатан пураҳамияти шахсият на дар давлату ҷомеа, балки дар тамоми ҷаҳон дар назар дошта мешавад ва ҳуқуқҳое мебошанд, ки бе онҳо ҳар як шахсият наметавонад чун инсон арзи ҳастӣ кунад: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба таҳсил ва ғ. Мафҳуми ҳуқуқи инсон характери гуногунҷанба дошта, вай маънои на танҳо ҳуқуқӣ, балки сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фалсафӣ ва ахлоқиро ба худ соҳиб мебошад. Асоси ҳуқуқии инсонро нуқтаҳои асосии ахлоқ, ки аз ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ ва афкори мутафаккирони бузурги гузашта маншаъ мегирад, нишон медиҳад. Ҷанбаи ахлоқии ҳуқуқҳои инсон аз он иборат аст, ки вай ғояи арзишмандии ҳар як шахсият, шаъну эътибори инсон, озодӣ, оштинопазирӣ ба зӯроварӣ ва ҷабру зулмро ифода мекунад. Аз нигоҳи фалсафӣ мафҳуми ҳуқуқҳои инсон ба ғояи гуманизм, яъне инсондӯстӣ асос ёфтааст. Ҷанбаҳои сиёсии ҳуқуқҳои инсон аз он иборат аст, ки онҳо бо демократия пайвастагии ногустанӣ доранд. Асоси демократия ҳокимияти халқ ба ҳисоб меравад, вале агар шаҳрвандон дар давлат аз ҳуқуқҳои инсон маҳрум бошанд, пас онҳо имконият надоранд, ки иродаи худро ифода намоянд ва дар идоракунии давлат иштирок кунанд. Ҳуқуқи инсон ҳамчун мафҳуми иҷтимоию иқтисодӣ мустақилият ва соҳибихтиёрии молумулкии ҳар як шаҳрванд, имконияти амалисозии талаботи иқтисодии худ тавассути амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат, барои беҳбудии шароити зиндагӣ ва молумулкии хусусиро ифода мекунад. Ғайр аз ин, дар чунин моҳият ҳуқуқи инсон бо ёрии иҷтимоӣ ба одамони бенавою эҳтиёҷманд пайвастагии самимие дорад.

Ҳуқуқи инсон ҳамчунин бо мафҳуми ҳуқуқӣ (юридикӣ) шинохта мешавад. Ҳуқуқи инсон маҳз аз нигоҳи ҳуқуқӣ имконияти ба амал баровардани рафторҳои муайян бо қонуни ҳар як мамлакат ва созишномаҳои байналмилалӣ кафолат додашуда фаҳмида мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ аксаран ҳуқуқи инсонро субъективӣ меноманд, зеро он ба субъектони алоҳида ба ҳар як шахсияти мушаххас, гурӯҳи инсонҳо мансуб аст. Ҳар як инсон метавонад аз он озодона мувофиқи хоҳишу иродааш, бе ягон фишор истифода намояд ва дар ин маврид, ҳуқуқу озодиҳои дигар инсонҳоро халалдор насозад. Ҳуқуқи инсон арзишмандии инсонро новобаста ба мард, зан, кӯдак ва ғайра дар рӯи замин таъмин менамояд. Ҳуқуқҳои инсон бо арзишҳои ахлоқӣ алоқамандии зич доранд. Вақте сухан дар бораи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон меравад, дараҷаи инкишофи муносибатҳои ахлоқӣ дар ҷомеа дар назар дошта мешавад, ки бо ҳуқуқҳои инсон бевосита алоқаманданд. Ҳуқуқҳои инсон арзише ҳисоб мешаванд, ки дигар категорияҳои ахлоқиро муттаҳид месозанд.

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШӮРОИ ОЛИМОН ВА ҲАЙАТИ УСТОДОНУ КОРМАНДОН

Санаи 28-уми декабри соли 2018 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷаласаи васеи Шӯрои олимон ва ҳайати устодону кормандон баргузор гардид. Ҷаласаи мазкур бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. оғоз гардид. Мавсуф зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ ҳамаи устодону кормандони факултетро ба муносибати фарорасии соли нави мелодӣ табрику таҳният намуда, ба онҳо саломативу сарбаландӣ, хушиҳои зиндагӣ ва дастовардҳои илмиву эҷодиро дар соли пешоянд таманно намуданд. Сипас, дар асоси барномаи омодагардида, як соли фаъолияти факултет мавриди натиҷагирӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ маркази асосӣ ва пешбари таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ дар кишвар ба ҳисоб рафта, дар самти омода намудани мутахассисони болаёқати соҳаи ҳуқуқшиносӣ, таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масоили мубрами илми ҳуқуқшиносӣ, боло бурдани дониш, шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мақоми намоёнро соҳиб мебошад. Фаъолияти солонаи факултет бахшҳои таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалиро фаро гирифта, дар доираи дастур ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ба роҳ монда шуд. Хушбахтона, дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносӣ ба натиҷаҳои назаррас дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ ноил гардида, фаъолияти худро тибқи стандартҳои муқараргардида пеш бурда истодааст. Инчунин, барои амалӣ гардонидани нақшаву чорабиниҳои пешбинигардида дар назди устодону кормандони факултет вазифаҳои нав вогузор карда шуд.





Баъдан раиси Шӯрои илмӣ-методии факултет Қурбонов Қ.Б. оид ба натиҷаи «Нақшаи чорабиниҳои факултет дар соли 2018 ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеоянд, гузориши муфассал пешниҳод намуд. Мавсуф иброз намуд, ки «Паём ин ҳуҷҷати хеле муҳимму сарнавиштсоз, роҳнамо ва дурнамо буда, дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, нақшаи рушди минбаъда дар тамоми самту соҳаҳои хоҷагии халқ таҳрезӣ гардида, вазифа, мақсаду маром, роҳу василаҳои тактикӣ ва стратегияи расидан ба ҳадафҳои асосӣ ва калидиро муайян ва мушаххас месозад».

Дар интиҳо декани факултет қайд намуданд, ки Пешвои миллат дар Паёми имсолаи хеш масъалаи такмил додани иқтидори илмии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҳалли мушкилоти норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгориро махсус таъкид намуда, онҳоро аз мушкилотҳои асосии ҳалталаби соҳаи маориф ном burданд. Факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми неруи худро баҳри амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат равона намуда, дар ин самт нақша чорабиниҳоро тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ХОССА ШОГИРДЕ!



**Галина АЗИЗКУЛОВА**
**дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ**

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ давоми 70-сол мешавад, ки барои омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ саҳми арзандаи хешро гузошта, дар замири шогирдон инсонгароиву адолатпарастӣ, ватандӯстиву меҳанпарастиро ҷой намудааст. Ин боргоҳи таълиму тарбия ҳазорҳо фарзандонеро тарбия ва ба воя расонидааст, ки имрӯз дар тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагии халқ меҳнати софдилонаву содиқона намуда истодаанд. Боиси хушнудӣ ва сарфарозист, ки рӯз то рӯз шумораи дастпарварони факултет, ки бо корҳои илмиву эҷодӣ, сатҳи баланди донишу забондонӣ ва ишғоли ҷойҳои намоён дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба даст меоранд, меафзоянд. Донишҷӯёни ин боргоҳи хирад на танҳо дар самтҳои зикргардида, балки ба адабиёту фарҳанг шавқу рағбати зиёд дошта, дорои малакаи баланди суханварӣ мебошанд. Зеро, яке аз сифатҳои асосии ҳуқуқшиноси асилро доштани маърифати баланди суханварӣ ташкил медиҳад. Яке аз чунин шогирдони муваффақи ин даргоҳи илму маърифат, ки дар риштаи ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамояд ва ҳамзамон табъи баланди шоириро доро аст Раҳматулло Зухуров махсуб меёбад.

Мавсуф донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ буда, бо донишу маърифати баланди хеш ба дилу дидаи ҳамсабақону устодон ҷой гирифтааст. Чанде пеш нахустин маҷмӯаи шеърҳои ӯ бо номи “Мавҷи гӯё” ба табъ расид, ки дили дӯстдорони назмро тасхир кардааст. “Мавҷӣ гӯё” масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, бештари онҳо ба васфи Ватани маҳбуб, модари ғамхор, дӯстиву бародарӣ ва инсондӯстиву инсонпарастӣ бахшида шудаанд. Ҳар соҳибзавқе, ки шеърҳои Раҳматуллоро мутолиа мекунад, дар укёнуси пурмавҷи афкори ӯ ғарқ гашта, шефтаи дурдонаҳои замираш мегардад. Зеро назми ӯ ҷазабе дорад, ки хонандаи закиро бетафовут намегузорад:

**Мавҷҳои оби дарё зинда гашта**
**аз сухан,**
**Мавҷи гӯё-й ҳамин худ**
**Раҳматуллои Ватан.**

Осори адабию илмии ӯ афкори фалсафию дурандешӣ, иҷтимоӣ, ахлоқиву дубайтиҳои ҳикматомезро фарогир буда, касро ба андешаҳои доманадор водор месозад. Шеърҳояш мисли ҷашмаҳои софи Ватан, ки аз домони кӯҳсор ба покӣ ҷӯш мезананд ва садои дилангези шаршараҳои кӯҳсорон ба хонандаву шунаванда фараҳ бахшида, ҳар сатри он қалберо даво мебахшад. Чуноне, ки худи ӯ мегуяд: “Шеър дӯсти наздики дил аст, зеро навиштанаш оромӣ, дӯстдорӣ ва навгониро ба амал меорад”.

**Ҳар як сухане баҳри ман ҷони**
**ман аст,**
**Ҳам фахру ҳамоҳанги виҷдони**
**ман аст.**

Аҳли қалам аз оғоз то имрӯз ба мадҳу ситоиши зан-модар ва ҷойгоҳи баланди ӯ дар ҷомеа суханҳои зиёд гуфтаанд. Модар ҳамеша нақши асосӣ дар сарнавишт ва созандагии аҳли башар дорад, ки дар эҷодиёти шогирди азизи мо низ васфи занмодар мақоми хосса дорад:

**Сарвати волои олам, дар**
**ҷаҳонам модар аст,**
**Хандаи зебои одам дар**
**ҷаҳонам, модар аст.**
**Модаре, ки дӯст медорам ӯро**
**ман ҳар нафас,**
**Одами яктои ҷонам, дар**
**маконам, модар аст.**

Соҳиби сухан, беҳтарину арзишмандтарин вазифаро вазифаи модарӣ донистааст, ки аз натиҷаи маънии каломи ӯ маърифати амиқи муҳимтарин хислати инсон, яъне эҳтироми модарро метавон дарёфт.

Мақсади асосии аҳли зиё омода намудани мутахассисони арзанда мебошад, ки дар ҳама даври замон боиси сарфарозии халқу миллати хеш бошанд. Бо ин назардошт, тамоми мо устодонро зарур аст, ки баҳри омода намудани шогирдони соҳибхирад ҳастии худро дареғ надорем ва кӯшиш намоем то онҳо номбардори факултети ҳуқуқшиносӣ ва кишвари биҳиштосоямон бошанд. Дар ин ҷода, ба тамоми устодон комёбӣ ва ба шогирдони азиз сари баландро таманно менамоям.

# РОҒУН – ФАРДОИ ДУРАХШОНИ МИЛЛАТ



Эмомалӣ МИРАЛӢ ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Соли 2018 барои мардуми сарбаланди тоҷик, соли фаромӯшнашаванда буд. Зеро миллати тоҷик ва мардуми Тоҷикистон дар ин сол шоҳиди чандин дигаргуниҳои беназир гаштанд. Аҳамияту арзиши ин сол, дар баробари дигар рӯйдодҳо пеш ҳама дар он буд, ки дар фазои сулҳу суботи мамлакат чархаи аввали НБО Роғун бо пахши тугмаи рамзӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор шурӯъ кард. Бояд қайд кард, ки ин беҳтарин дастовард, ҳадяи тақдир ва муваффақияти хосаест, ки дар тӯли се даҳаи охир насиби миллати тоҷик гардидааст.

Бо мақсади бо неруи барқ таъмин намудани минтақаҳои дурдасти аҳолинишини кишвар Ҳукумати ҶТ моҳи октябри соли 2006 Барномаи бунёди силсилаи неругоҳҳои хурди барқиро барои солҳои 2007-2020 тасдиқ намуд. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин барнома ва ҷалб намудани сармояҳои ватаниву хориҷӣ дар бахши энергетика ба Ҳукумати ҶТ муяссар гашт, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар зиёда аз 262 неругоҳи хурду миёнаи барқи обӣ бунёд намояд. Айни ҳол сохтмони зиёда аз 11 неругоҳи дигар идома дорад. Тибқи барномаи мазкур, то соли 2020 боз 190 неругоҳҳои хурди барқи обӣ сохта хоҳанд шуд. Афзоиши ҳаҷми умумии тавлидоти барқ имконият медиҳад, ки андаке бошад ҳам, мушкилоти мардум аз норасоии барқ дар мавсими зимистон коҳиш дода шавад ва ин мушкилот солҳои охир роҳи ҳалли худро ёфтааст. Дар баробари ин, бунёд ва бозсозии иншооти бузургу стратегии кишвар – НБО Роғун ва неругоҳҳои миёна дар ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Зарафшон ва Варзоб бо суръати баланд идома доранд.

Яке аз муҳимтарин неругоҳҳое, ки дар боло ишора кардем ин НБО Роғун ба ҳисоб меравад. Асосан лоиҳаи НБО Роғунро яке аз азимтарин лоиҳаҳои сохтмони асри XXI дар Осиёи Марказӣ ва иншооти бузурги гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон меҳисобанд ва сохтмони ин лоиҳаи бузурги аср маҳз бо талошу заҳматҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омад. Аммо базе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки сохтмони НБО Роғун мероси замони Шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки сохтмони ин неругоҳ дар замони Шӯравӣ оғоз шуда бошад ҳам, вале аз сохтмони ин неругоҳ ягон асаре ба ҶТ боқӣ намонда буд. Бо ҳамин сабаб, мехоҳам назари хонандаро дар пасманзари мавзӯи таҳлилшаванда ба марҳилаҳои асосии бунёдии неругоҳ ва сабабҳои қатъи ин сохтмон дар охирҳои асри гузашта ҷалб намоям.

Корҳои таҳқиқотии НБО Роғун ҳанӯз аввалҳои солҳои 30 асри гузашта оғоз ёфта буд. Баъди ин марҳилаҳои бунёдии неругоҳ оғоз шуд, ки ин солҳои 1976 то соли 1993-ро дар бар мегирифт. Моҳи сентябри соли 1976 нахустин сохтмончиён барои сохтани НБО Роғун ба кори худ оғоз намуданд, ва сохтмони сарбанди он аз соли 1987 шурӯъ шуд. Соли 1993 сохтмони сарбанди он ба 40 метр бардошта шуд, вале баъди ҳамон сол сохтмони неругоҳ пурра қатъ шуд ва ин ҳам сабабҳои ба худ хосро дошт.

Баъди аз байн хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ зарурати дубора оғоз намудани сохтмони НБО Роғунро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузоштанд. Бо ҳамин мақсад, дар қатори ду ҳадафи дигари стратегии мамлакат таъмини амнияти энергетикиро аз ҳама ҳадафи асосӣ барои халқи тоҷик донистанд. Зеро дар он шабу рӯз мардум аз нарасидани қувваи барқ азият мекашиданд, хусусан дар фасли зимистон. Дар тӯли ин солҳо баъзе аз давлатҳои Осиёи Марказӣ барои сохтмони ин иншоот монеаҳои зиёде ба вуҷуд оварданд, ки даъвоҳои онҳо ягон асоси воқеии худро наёфт. Дар муддати ин солҳо бо талаби давлатҳои дигар НБО Роғун якчанд экспертизаҳои сатҳи байналхалқиро гузашт, ки хушбахтона ҷавобҳои ҳамаи онҳо мусбат баромаданд. Ин бори дигар аз ботил будани даъвоҳои беасос дарак медод. Дар баробари ин, ҳамон бузургӣ ва азамати



Маҳмадкарим ШАРИПОВ унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ба ҳамаи ин истодагарӣ карда тамоми мардуми Тоҷикистонро барои сохтани ин иншооти таърихӣ ҷалб намуданд.

Бо ҳамин минвол, имрӯз дар корҳои сохтмонии НБО Роғун зиёда аз 67 ташкилоту муассиса, 22 ҳазор нафар одамон, ки анқариб 90 фоизи онҳоро шаҳрвандони ҶТ ташкил медиҳанд ва зиёда аз 3600 мошину механизмҳо ҷалб шудаанд. Санаи 29 октябри соли 2016 бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат маҷрои дарёи Вахш тағйир дода шуд, ки барои бунёди таҳкурсии пешдарғоти сарбанди 335 метраи неругоҳ асоси боэътимод гузошт. Лаҳзаҳои аз ҳама беҳтарин барои миллати тоҷик, ки ин сана дар таърихи миллат бо ҳарфҳои зарин навишта мешавад, ба кор оғоз намудани чархаи аввалин НБО Роғун буд. Воқеан ҳам, лаҳзаҳое буданд, ки мардуми тоҷик онро солиёни дароз интизорӣ мекашиданд.

Дар таърихи 16 ноябри соли равон дар сатҳи баланди ҷашнӣ бо иштироки намояндагони зиёди давлатҳо ва корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон ва меҳмонии зиёд аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо зер кардани тугмаи рамзӣ агрегати якуми НБО Роғун ба кор шурӯъ намуда, барқи аввалин истиҳсол шуд, ки ин ифтихори тамоми Тоҷикистониён буд.

Ҳамин тавр, НБО Роғун ҳаёту мамоти тамоми Тоҷикистон буда, шарти асосии пешрафти малакат ва рушди бемайлони иқтисодиёти мамлакат мебошад. Ба ҳамин хотир, имрӯз барои мо тоҷикистониён Роғун як китоб аст, китоби ҷавонмардӣ ва ватандӯстӣ.



# МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ



Манижа ЭРГАШЗОДА донишҷӯи соли 1

Коррупсия яке аз масъалаҳои мушкили замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкшофи давлатҳо мегардад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки муқобили ин зуҳуроти номатлуб чораҳои мушаххаси қонунӣ андешад. Барои пешгирӣ аз ҷинояту ҷиноятктори ва мубориза бар зидди коррупсия санаи 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 аз ҷониби зиёда аз 100 давлати дунё ратификатсия гардид. ҶТ низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори дигар давлатҳо санаи 25 сентябри соли 2006 ба Конвенсияи мазкур имзо гузошта, он ба низоми ҳуқуқии кишвар ворид гардид.

Барои ба танзим даровардани масъалаҳои мубориза бо коррупсия дар мамлакат соли 2005 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқиро дар ин самт таъмин намуд. Масалан, дар моддаи 5 қонуни мазкур мақомоти мубориза бо коррупсия пешбинӣ гардидааст, ки инҳо мебошанд: Мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ бар зидди коррупсия мубориза мебаранд.



Минбаъд, вобаста ба масъалаи мазкур санаи 10 январи соли 2007 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баровaрда шуд. Мақсад аз таъсис додани Агентии мазкур ин вусъат бахшидани низоми мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратию ревизионӣ ба шумор меравад.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ баҳри иҷрои вазифаҳои ба зимааш гузошташуда, тибқи дастуру супоришҳои сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти истифодаи самараноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ, назорат ва риояи қатъии интизоми молиявӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд амал намуда, дар ин давраи фаъолият ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Инчунин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2013 таҳти №1504 “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул гардид. Баҳри амалӣ гаштани мақсаду мароми барномаҳои мазкур Агентӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати татбиқи нақшаи чорабиниҳои онҳо дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳо чораҳои таъхирнопазир ва муассирро меандешад.

Дар назар аст, ки то ба анҷом расидани муҳлати пешбинишудаи санади барномавии миёнамуҳлати зиддикоррупсионӣ сатҳи коррупсия дар кишвар паст гардида, шароит барои рушди иқтисодӣ, инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум фароҳам оварда мешавад.

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ



Хуршед КАРИМОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

Фаъолияти соҳибкорӣ яке аз роҳҳои афзалиятнок барои рушди ҷомеа ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи роҳбарияи давлат дар ин самт назаррас буда, сол то сол дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ равнақ меёбад. Дар ин радиф, бояд қайд намуд, ки фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳу воситаҳо ва шаклҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Яке аз чунин шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ ин соҳибкории инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ки давра ба давра дар кишвар дар ҳоли рушд қарор дорад. Вобаста ба муҳимияти ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки 22 декабри соли 2017 сурат гирифта буд, бори дигар таъкид намуданд, ки бояд тамоми саъю талош барои рушди соҳибкории инноватсионӣ равона гардад.

Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои беҳтар намудани фаъолият дар ин самт танзими давлатии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ дониста мешавад. Танзими давлатии соҳибкории инноватсионӣ гуфта маҷмӯи тарз ва шаклҳои таъсиррасонии давлатро ба субъектони муносибатҳои соҳибкорӣ меноманд.

Шакли асосии ҳуқуқии танзими давлатӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби созмондиҳӣ ва татбиқи инноватсияро танзим намуда, аз санадҳои қонунгузорӣ сатҳи олӣ ва дигар санадҳое, ки барои созмон додани инфрасохтори инноватсионии бозорӣ равона карда шудаанд иборат мебошанд.

Гарчанде ки фаъолияти инноватсионӣ бо танзими дахлдори ҳуқуқӣ фаро гирифта нашуда бошад ҳам, вале дар ҶТ нисбати бештари объектҳои инноватсия санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул карда шудааст. Аз ҷумла, қонунҳои махсус дар бораи ихтироъ, намунаҳои саноатӣ, дар бораи тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ, ҷойи баромади мол, сирри тиҷоратӣ ва ғайраҳо қабул карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки шаклҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ гуногун мебошанд. Ба онҳо на танҳо ҷораҳои маҳдудкунӣ, балки дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби давлат низ дохил мегардад. Аҳамияти хосаро дар ин самт бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ ташкил медиҳад, ки муқаррароти мазкур дар моддаи 6 ҚҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» пешбинӣ гардидааст. Инчунин дар моддаи 11 қонуни мазкур шаклҳои зерини дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ муқаррар гардидааст: - бақайдгирии соҳибкорӣ; – андозбандӣ; – иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ; – санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; – бақайдгирии молу мулк; – ҳисоботдиҳӣ; – танзими зиддиинҳисорӣ; – содда намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; – қарздиҳӣ; – мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ.

Фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ низ ҳамчун як шакли фаъолияти соҳибкорӣ аз муқарраротҳои дар боло пешбинишуда бархурдор мебошад.

Дар умум, гуфтан мумкин аст, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ пеш аз ҳама аз Конститутсияи ҶТ (м.12, м.40), Кодекси гражданӣ (к.1,2,3), ҚҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”(соли 2014), ҚҶТ “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, ҚҶТ “Дар бораи намунаҳои саноатӣ”(соли 2004), ҚҶТ “Дар бораи ихтироъ”(соли 2004) ва дигар санадҳои зерқонунӣ сарчашма мегирад.

Пешниҳод менамоем, ки дар ҚҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”(соли 2014) мафҳуми фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ илова карда шавад.

# ПРИНСИПИ МУБОҲИСА ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Барои амалӣ гаштани ин ақидаи пешқадам дар меъёрҳои қонун доираи васеи ҳуқуқу имкониятҳои мурофиавии иштирокчиёни он пешбинӣ шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки принсипи мубоҳиса дар байни дигар принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ мавқеи хоса дорад. Агар принсипи қонуният шакли мурофиавии ҷиноятиро ифода ва таъмин намояд, пас шакли мубоҳисавии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мазмуни мурофиавии судии парвандаи ҷиноятиро ифода ва таъмин менамояд.

Дар муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати тарафи айбдоркунанда-прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ), ҷабрдида (айбдоркунандаи хусусӣ), даъвогари гражданӣ, намояндагони қонунӣ ва намояндагони ҷабрдида ва даъвогари гражданӣ баромад мекунанд. Ба сифати тарафи ҳимоя-гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, ҳимоятгар, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаи қонунии ӯ баромад мекунанд. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо бояд шароит муҳайё намояд.

Механизми таъмини баробарҳуқуқии тарафҳоро дар ҷорӣ шудани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ дидан мумкин аст, ки мувофиқи он суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё танҳо ҷазодиҳанда нест ва набояд тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намояд, хулосаи суд (ки дар ҳукм ифода меёбад) аз хулосаи айбдоркунӣ ё мавқеи ҳимоятгар вобастагӣ надорад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барои тақвият ё ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд. Суд якҷоя бо иштироки тарафҳо дар тафтиши судӣ далелҳоеро мавриди санҷиш ва баҳодиҳӣ қарор медиҳад, ки ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, ё айби шахсро дар содир кардани ҷиноят ё бегуноҳии судшавандаро тасдиқ мекунанд.

Бинобар ин, тибқи м. 339 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунанда ба шарте баровард мешавад, ки дар ҷараёни муҳокимаи судӣ гунаҳгор будани судшаванда дар содир намудани ҷиноят бо маҷмӯи далелҳои таҳқиқшуда тасдиқ гардад. Ҳукми айбдоркунанда ба тахмин асос ёфта наметавонад. Суд мустақилият, беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро анҷом медиҳад. Эътироф гаштани қоидаҳои мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мазмуни қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар ҷараёни дигар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дида мешаванд, аз ҷумла ба тартиби интихоб ва татбиқи ҷораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавӣ дошта, ба ҷамъоварии далелҳо ва талаботҳое, ки нисбати маълумотҳои воқеӣ пешбинӣ шудаанд, таъсири мусбӣ мерасонад.

Амали принсипи мубоҳисаро то оғози маҷлиси судӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории исбот намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ба зиммаи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ вогузор гардидааст. Албатта, аз нуқтаи назари принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ баамалбарории таъиноти (функсияи) айбдоркунӣ ва ҳимоя ба зиммаи як тарафи баҳси ҳуқуқӣ вогузор намешавад. Иштироки шахсони манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ – гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданиро дар фаъолияти исботнамоӣ то марҳилаҳои судӣ, қонун кафолат медиҳад. Онҳо метавонанд, мувофиқи тартиботи мурофиавии муқарраркардаи қонун аз имкониятҳои ҳуқуқии худ мустақилона истифода намоянд. Аз ҷумла, далелҳо пешниҳод кунанд, бо протоколи амалҳои тафтишӣ, ки бо иштироки онҳо гузаронида шудаанд, шинос шаванд ва ба онҳо эродҳо баён кунанд; бо иҷозати муфаттиш ё таҳқиқбаранда дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости намояндааш амалӣ мешаванд, иштирок кунанд. Пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шаванд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунанд ва ғайраҳо. Дар ҷараёни исботнамоӣ мақомотҳое, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи онҳо вогузор





Азамат АҲАДЗОДА
донишҷӯи соли 5

гардидааст, вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун мавқеи худро ҳимоя ва асоснок намоянд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи расмӣ эътироф гаштани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ, зарурияти ислоҳоти тамоми институтҳои мурофиаи ҷиноятиро ба миён овард, доираи амали принсипи қонуният васеъ гардид, ки ба ташаккули қоидаҳои марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намуд. Эътироф ва дар амал татбиқ гаштани ин қоидаҳо, минбаъд барои пурра ба шакли таърихии мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоранд.

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪМИНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ



Қиёмиддин МАҲМАДАЛИЕВ
донишҷӯи соли 5

Пошхӯрии давлати шӯравӣ ба вайрон шудани низоми ягонаи таъминоти энергетикии кишварҳои пасошӯравӣ оварда расонид. Махсусан, дар давлатҳои мустақили Осиёи Миёна, ки дар ҳамбастагии энергетикӣ қарор доштанд, вазъияти таъмини аҳолӣ бо неруи барқ дар муқовимат бо манфиатҳои дохилӣ-давлатӣ мушкилиҳои навро ба бор овард. Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо неруи барқ ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, барои истифодаи имкониятҳои берунӣ ва рушди энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад, бояд саъй кард.

Рӯйдодҳои мухими солҳои охир, ин бунёд ва ба истифода додани НБО-и «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», хатҳои интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол», 220 кВ «Лолазор-Хатлон», хатти интиқоли барқи 220 кВ Тоҷикистону Афғонистон (Сангтуда-Пули Хумрӣ) мебошанд, ки дар расидани кишвар ба истиқлолияти энергетикӣ қадами бузург ба ҳисоб меравад. Ба мақсади бунёди системаи ягонаи барқии кишвар, таъмини пурраи эхтиёҷоти дохилӣ бо нуруи барқ ва содироти он ба хориҷа дар баробари сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, инчунин ба бунёди инфрасохтори интиқоли он таваҷҷуҳи хосса равона шуда буд. Бунёди хатти интиқоли барқи баландшиддати «Ҷануб-Шимол» имкон дод, ки дар Тоҷикистон шабакаи ягонаи энергетикӣ ташкил карда шавад. Дар маҷмӯъ, дар ин давра зиёда аз 4200 км хатҳои интиқоли барқ, аз ҷумла, 720 км хатҳои интиқоли барқи баландшиддати аз 110 кВ зиёд сохта ба истифода дода шуданд.

Бо ташаббусҳои созанда ва иқдомҳои наҷиби Пешвои миллат инчунин бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ татбиқи лоиҳаҳои «Таҷдиду бозсозии НБО-и Варзоб-1», «Таҷдиду бозсозии гидроагрегати №4 НБО-и Сарбанд» ва «Иваз намудани дастгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи 220кВ дар НБО-и Норак» ба анҷом расиданд. Сиёсати сохтмони неругоҳҳо ба мардум сол ба сол сабукӣ оварда, аз 2-3 соат таъмини неруи барқ то аз байн бардоштани маҳдудияти барқ сабаб гардид.

Пешвои миллат дар муроҷиатномаи худ ба мардуми шарафманди Тоҷикистон баён намуда буданд «Он рӯз дур нест, ки дар партави нури Роғун парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол ва тоҷи заррини давлати тоҷикон ҷилои тозае хоҳад гирифт» ва боиси хушнудист, ки дар санаи 16 ноябри соли ҷорӣ агрегати 1 иншооти хаётан муҳими стратегии мамлакат НОБ-и Роғун бо заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва миллати бунёдкори тоҷик мавриди истифода қарор дода шуд.

Тавре ки Пешвои муаззами миллат иброз медоранд «Расидан ба ин рӯзи некро тамоми сокинони Тоҷикистон солҳо интизор буданд, фарзандони бо нангу номуси Ватан, мутахассисону сохтмончиёни баландихтисос барои наздик овардани чунин рӯзи таърихӣ шабонарӯз заҳмат кашиданд, яъне имрӯз рӯзи равшаниву нур барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷкистони азизамон мебошад!» Воқеан, ин рӯз фаромӯшнашуданӣ мебошад, чунки Роғун ин манбаи нур аст, зеро Тоҷкиситонро ба ахтари ҳамешатобон табдил хоҳад дод ва аз Роғун иқтидори миллат афзун мешавад, Тоҷикистони азизи мо дигаргун мешавад.



Пешвои миллат қадам ба қадам сиёсати худро ҷиҳати таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба анҷом расонида истодааст. Паси ин сиёсат ва ин роҳи пешгирифта танҳо манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ не, балки соҳибихтиёрии давлатӣ, амнияти миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти кишвар меистад. Ҷаноби Олӣ бо сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи хориҷии худ тавонистанд ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалиро ба ҳаққонияти сиёсати кишвар бовар кунонанд. Албатта, роҳ ба сӯи истиқлолияти энергетикӣ ба мисли дигар самтҳои афзалиятноки кишвар мушкилиҳои худро дошт, ки бо гузашти айём иддае онҳоро чун камбуду норасоӣ ва қисми дигар мушкилиҳои объектививу субъективӣ гуфта, ба таҳлил мекашанд. Новобаста аз ҳама ин монеаҳо ва саддироҳшавиҳо, хонадони мардуми тоҷик бо нури Роғун чароғон хоҳад шуд.

# НАҚШ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ ИНСОН



Меҳроб МИРЗОЕВ
донишҷӯи соли 2

Ҳуқуқҳои инсон мавқеъ ва нақши одамро дар ҳаёти ҷомеа инъикос менамояд. Дар сурате, ки қадру қимати одам паст нагардад, ва вай худро дар рафтор ва ҷавобгарӣ барои амалҳояш озод ҳис кунаду, агар ҳуқуқҳои вай боэътимодона ҳимоя шуда бошанд, одам ҳаёти осоишу саодатмандона ба сар бурда, дар ҳаёти ҷомеа ва давлат фаъолона иштирок мекунад. Риояи ҳуқуқҳои инсон муттаҳидии ҷомеаро таҳким мебахшад, ташаббус ва ҷӯшу хурӯш, некуаҳволии моддӣ, ватандӯстӣ, ҳисси эхтиромро ба Ватану миллати худ афзун месозад.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи имрӯза вазифаҳои муҳимро ба ҷо меорад. Ба монанди: вазифаҳои ахлоқию маънавӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифатнокӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра.

Вазифаи ахлоқӣ-маънавии ҳуқуқҳои инсон аз ташаккул додани арзишҳои ахлоқӣ, этиқоде иборат мебошад, ки ҳуқуқ, озодиҳо, шаъну эътибори инсон, сулҳу суботи ҷаҳон, адолатнокӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдигарпазирӣ ва дигар арзишҳоро ҳимоя мекунад.

Вазифаи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқҳои инсон, ин дар одамон ташаккул додани муқаррарот ва муносибати ҷаҳонбинӣ ба равандҳои инкишофи ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама инсондӯстӣ ва рад кардани зӯроварӣ, эҳсоси масъулият барои рафтори худ ва бахри тақдири Ватани худ ва умуман инсоният.

Вазифаи маърифатнокии ҳуқуқҳои инсон ин тарғиби иттилоот, донишҳо дар бораи озодӣ, шаъну эътибори одам, механизмҳои амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва ғайра мебошанд. Танҳо дар ҷомеаи имрӯза одами бомаърифат метавонад ҳуқуқҳои худро амалӣ созад ва ҳамчунин ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншудаи дигар одамонро ҳимоя ва барқарор созад.



Вазифаҳои сиёсии ҳуқуқҳои инсон ин ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсияти иҷтимоии фаъол мебошад.

Вазифаи ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон ин таъмини амният ва ҳимояи шахсиятро аз таҳдидҳои бешумор ва мавҷудияти он, нигоҳдории тартибот дар муносибати байни одамон, ҳамчунин миёни одам ва давлатро дар назар дорад.

Манфиати ҳамаи давлатҳои демократист, ки вазифаи муҳимтарини худ, яъне риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба ҷо меорад.

# ҲУҚУҚ ҲАМЧУН МЕЪЁРИ ОЗОДӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ГЕГЕЛ



Файзалӣ АМИНОВ
файласуф

**(Идома аз шумораи №19-20)**

Дар таълимоти намояндагони фалсафаи классикии олмонӣ озодӣ чун раванди табиию таърихӣ баҳогузорӣ шуда, мубориза ба хотири дарёфти озодӣ ҳамчун фаъолияти эҷодкоронаи инсон, ҳақ баровварда мешавад. Аз нигоҳи намояндаи фалсафаи классикии олмонӣ И. Фихте озодӣ тобеияти ихтиёрона ба зарурияти кулл аст. Тамоми таърихи инсоният раванди паҳн шудани озодӣ, роҳи тантанаи озодӣ аст. Озодӣ иборат аз пайгириию пайравии ихтиёронаи фард аз қонунҳои ахлоқӣ мебошад. Ин мутафаккир ба проблемаи озодӣ аз мавқеи таърихият назар андохта, сатҳ ё дараҷаҳои мухталифи озодиро ба марҳилаҳои инкишофи таърихии ҷамъият алоқаманд месозад. Георг Гегел марҳилаҳои ташаккули озодиро ба марҳилаҳои маърифати ҳамин озодӣ пайваст намуда, раванди таърихиро маҳз дар саҳнаи маърифати озодӣ тасвир мекунад. Дар таълимоти марксизм озодӣ қабл аз ҳама аз байн бурдани истисмори инсон аз тарафи инсон буда, озодӣ дар алоқамандӣ ба моликият ва имкониятҳои иқтисодӣ таҳлил меёбад. Проблемаи озодии инсон марҳила ба марҳила такомул ёфта, шакли классикии худро дар «Декларатсияи умумии ҳуқуқи инсон» соҳиб мешавад. Нуқтаҳои муҳимми ба озодии инсон алоқамандро, аз қабили ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ тааррузу тааддӣ накардан, дахлнопазирии манзил, мукотиба, эҳтироми шаъну шараф, озодии интихоби маҳалли истиқомат, ҳуқуқи ҳимоя аз таъқибот (ба ҷуз аз ҳолати ҷиноятҳои ғайрисиёсӣ анҷом дода), ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи озодона издивоҷ кардан (никоҳ бастан), ҳуқуқи моликият ва ҳимояи он, ҳуқуқи баробар зимни ба хизмати давлатӣ шомил шудан дар кишвари худ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва даҳҳо ҳуқуқҳои дигарро Декларатсияи умумии ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби резолютсияи 217- А Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул гардид, эълон намуд. Озодии сухан, озодии раъйи худро изҳор доштан, озодона интихоб кардану интихоб шудан, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон, озодии андеша, озодии виҷдон, озодии эътиқод ва ғайраҳо дар муқарароти ҳуқуқии қарни XX ба тасвиб расид.

Озодӣ дар фазои андешаронихои замони шӯравӣ асосан ба баробарии табақотӣ ва озод будан аз истисмори табақотӣ (синфӣ) алоқаманд мегардид. Дар осори фалсафию ҳуқуқии В.С. Нерсесянс озодии воқеӣ, шакли ҳастии озодӣ ҳамчун ҳолати баробар будани одамон ва ё баробарҳуқуқ будани онҳо маҳсуб меёфт: озодии одамон дар ҳадди баробарии онҳост ва онҳо вобаста ба меъёри озодиашон баробар бояд бошанд. «Озодӣ» дур аз баробарӣ ин идеологияти афзалиятхоҳона ва имтиёзи элитарҳост (баргузидаҳо). «баробарӣ» бидуни озодӣ идеологияи ғуломон ва тӯдаҳои мазлум хоҳад буд (Нерсесянц В.С. Право и закон. – М., 1983. – С. 342). Албатта баробарӣ аз «фарқ нагузоштан» ё «баробарҳақдиҳӣ» (уравниловка) тафовут дорад. Озодӣ он ҷоест, ки худсарии ҳоким нест, он ҷое, ки ҳуқуқи фард поймол мегардад, он ҷо озодӣ ҳузур надорад.

Чуноне болотар баён кардем, ба масъалаи озодии инсон мутафаккири бузурги олмонӣ Г.Гегел таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад ва дар асарҳои гуногуни хеш проблемаи озодиро таҳлили амиқи моҳиятӣ мекунад. Дар осори Г. Гегел озодӣ зарурияти объективии маърифатшуда буда, қобилияти озод будан ҳолати қарор қабул намудан ва ё ба хулосаи дуруст омадан дар фазои донистан ва маърифат намудани кору фаъолият хоҳад буд (способность принимать соответствующие решения со знанием дела). Ӯ дар «Фалсафаи ҳуқуқ» таъкид мекунад, ки оғози аввал ва махраҷи аввали ҳуқуқ ин «иродаест,





ки озод буда, озодӣ мабдаву муайянияти он аст ва низоми ҳуқуқ салтанати озодии дар амал татбиқшуда хоҳад буд» (Гегель Г.Ф. Соч. Т. VII. – М., 1934. – С. 31). Ҳуқуқ бошад, аз нигоҳи Гегел ин ченаки озодист ва озодӣ он ҷоест, ки он ҷо қонун ҳукм дорад, на худсарӣ. Таҳти мафҳуми қонун Г. Гегел ҳамон сутуҳи инкишофи идеяи ҳуқуқро дар назар дорад, ки ба шарофати қонун шакли кулл ва муайянияти воқеиро ҳамчун изҳори иродаи тамоми халқ соҳиб гашта, ба ҳайси қонунҳои ҳуқуқии аз ҷониби одамон ирсолшуда баромад мекунад. Ҳадафи мо назаре ба таърихи ташаккули давлат ва марҳилаҳои маърифати озодӣ мебошад, ки аз ҷониби Г. Гегел дар асари «Фалсафаи таърих» анҷом дода шудааст. Ҷолибияти масъала он аст, ки маҳз Г. Гегел оғози давлатро ба маънои ҳузури таърихии он аз замони ташаккули ҷомеаи ориёнҳо – пешгузаштагони тоҷикон баррасӣ мекунад ва аз минтақаҳое ёд мекунад, ки он ҷо ҳамеша ватани тоҷикон буд. Ӯ хулосаҳои арзишманд ва идеяҳои мақбулеро зимни раванди таърихии озодшавии инсон аз маҳдудиятҳои таърихи умумибашарӣ иншо намуда, озодии инсонро ба раванди таърихию ҷамъиятӣ ва марҳилаҳои таърихи ҷаҳонӣ алоқаманд месозад. Озодиро ҳамчун зуҳури қонунии рӯйдодҳои ҷаҳон тасвир карда, такомули идеяи озодиро ба ҷараёни ташаккули давлат – ҳамчун қадамгузории Рӯҳи Ҷаҳон ва гом ниҳодани Идеяи мутлақ алоқаманд меҳисобад. Марҳилаи оғози таърихи ҷаҳониро аз замони пайдо шудани давлатҳо ба эътибор гирифта, давраи паҳн шудани забонҳо ва ба вуҷуд омадани қабилаҳоро ҳанӯз берун аз сарҳади таърихи ҷаҳонӣ баҳогузорӣ мекунад. Ӯ зикр мекунад, ки таърих шаффоф аст ва дар афкори асотирӣ ҳанӯз таърих нест («История прозаична, и в мифах ещё нет истории»). Вақте ки Гегел ба таҳлили таърихи умумиҷаҳонӣ шурӯъ мекунад дар ибтидо низоми пайдарҳамии сурат гирифтани воқеоти таърихиро ба чунин шакл: Олами Шарқ, Юнону Рим ва Олами олмонӣ даврабандӣ мекунад. Ин низоми пешниҳоднамудаи Гегел баъдҳо, дар осори Маркс аз мавқеи материализми таърихӣ ҳамчун тарзи марҳилавии истеҳсолоти ҷамъиятӣ номбар шуда, сипас заминаи назарияи форматсионии Маркс мегардад. Қисмати аввали асари Гегел «Олами Шарқ» ном дошта он аз се шуъба иборат аст. Шуъбаи якуму дуюм ба таҳлили таърихи бостонии Чину Ҳинд бахшида шудааст. Гегел дар заминаи маълумоту маъхазҳое, ки охири асри XVIII ва аввали асри XIX дар Аврупо маҳфуз будаю метавонистанд дастраси аҳли илм бошанд, ҳаёти хос, сатҳи ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, низоми ҳуқуқию ахлоқӣ ва «рӯҳи миллӣ» - и чиниҳою ҳиндуҳоро мавриди арзёбӣ қарор дода, дар андешаҳои ӯ то ҳадди муайяне инъикоси воқеӣ ва тасвири нозуки зуҳуроти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии ин халқҳо мушоҳида мешавад. Набояд аз назар дур андохт, ки Гегел озодии инсонро дар ин кишварҳои бостонии Шарқ ҳамчун падидаи ноёб ва зуҳуроти номаълум тасвир карда, бо назари интиқодӣ ҷомеаи бостонии Ҳинду Чинро таҳлил менамояд. Чунин баҳогузории Гегел ба ҳодисоту рӯйдодҳои таърихи бостонии ин кишварҳо тааллуқ доранд ва ҳаргиз наметавонанд бозгӯи ҳақбинонаи замони муосир бошанд. Ғайр аз ин таҳти мафҳуми Чину Ҳинд сайёҳатчиён, афсарони урдӯи калониалӣ, амалдорони ширкатҳои тиҷоратӣ, умуман мустамликадорони ҳамон замон, ҷамъе аз халқҳою кишварҳои осиёии канорҳои уқёнуси Ором ва Ҳиндро низ дар назар доранд, ки аз даҳҳо халқиятҳою гурӯҳҳои этникии мухталифзабону гуногунмазҳаб иборатанд. Гегел вассофи озодӣ ва тараннумгари хулқияту хиради эъҷозгару оламафрӯз аст. Дар фалсафаи ӯ идеяи озодӣ меҳвари истиқрори инсониятгароӣ ва маҳаку аслияти худшиносии инсон аст. Барои Гегел инсоне, ки ба дарки моҳияту арзиши озодӣ нарасидааст, чун инсони комилу соҳибмақом эътироф намегардад ва ҳар амали зиндагиҷӯёнаю рӯзгорхоҳонаи инсонро бо призмаи муътабарияти озодӣ ва тавсифи ҳуқуқи дахлнопазири ҳамин инсон арзёбӣ мекунад. Бо истинод ба ҳамон маълумотномаҳое, ки ӯ дар даст дорад, маҳдудияти озодиро дар Чин таъкид намуда, менависад: «Дар назди император ҳама баробаранд, яъне ҳама баробар беҳуқуқанд. Набудани ифтихору шараф, ки он ҷо бартарияти касеро аз каси дигар нишон намедиҳад, боиси он мегардад, ки тафаккури таҳқиршуда тадриҷан ба шуури беҳаёгию пастӣ рафта мерасад. Бехулқияту бадахлоқии амиқи онҳо аз ин ҷо сар мезанад. Маълум аст, ки дар ҳама ҳолати мувофиқ якдигарро фиреб мекунанд ва агар ин фиребашон ба каси дигар маълум шавад, ҳеҷ касе дар ин рафтори аблаҳона чизи бадеро намебинад». Дар ҷои дигар ҳолати ба ифрот расидани ҳукумати мутлақа ва ба ҳадди ниҳоят нафратангез қарор ёфтани ҳукумати як нафарро мазаммат мекунад: «Худи император сарвари адабиёт аст. Шахсан император ба осори он ҷо нашршуда, сарсухан менависад. ...ва барои иштибоҳи рухдода ҷазои сахт медиҳад. Инҷо салтанати озоду идеалии рӯҳ нахоҳад буд ва он чизе, ки инҷо метавон илмият гуфт, характери эмпирикӣ дошта, моҳиятан ба хотири талаботҳои давлат ва фардҳо аз ҷониби давлат интихобан хел - хел гирифта мешавад». Ба маърифати озодӣ ва эҳсоси он ки одам метавонад озод бошад, пай набурдану пайхас накардани чиниҳоро Гегел зинаи пасти ташаккули ҷамъиятии онҳо медонад.

**(Давом дорад)**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли чорум аст, ки дар кишвар Форуми «Волоияти қонун» баргузор мегардад. Дар соли 2018 бо дастгирии Ҳукумати ҶТ, Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон, филиали Ассотсиатсияи «Ҳелветас Свисс Интеркоперейшен» дар ҶТ ва дастгирии молиявии агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ дар Китобхонаи миллӣ санаи 2 ноябри соли 2018 Форуми чоруми миллӣ оид ба волоияти қонун доир гардид. Мақсади асосии форуми номбурда ба вуҷуд овардани механизмҳои нави ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ ва сайёҳӣ иборат буд.

Дар Форум намояндагони сохторҳои давлатӣ, доираҳои илмӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикони рушд ва устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, аз ҷумла устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат – мудири кафедра, дотсент Сангинов Д.Ш., профессорон Раҳимзода М.З., Ғафуров А.Д., дотсент Бобокалонов Ғ.М., ассистентон Шабонов Ш.С. ва Раҷабзода Х.Р. иштирок намуда, дар мавзӯъҳои гурӯҳи чорум – “Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ – заминаҳои бунёдии таҳкимбахшандаи иқтисодиёти ҶТ” бо маърӯзаҳо баромад намуда, музокиронӣ намуданд.

Дар ҷамбасти Форум бо назардошти пешниҳоди гурӯҳҳо ва иштирокчиён Эъломияи Душанбе оид ба Форуми чорум оид ба Волоияти қонун қабул гардид, ки аз ҳар як гурӯҳ то панҷ пешниҳод дар он ҷой дода шуд. Пешниҳодҳо бо мақсади таҳияи тавсияҳо оид ба тағйир ва омодасозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба тақозои замон ва рушд бахшидани муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардида буд.

Банда ҳамчун иштирокчии Форуми чоруми миллӣ оид ба волоияти қонун дар мавзӯи “Бехатарии сайёҳӣ: мушкилоти ҳуқуқӣ ва роҳҳои ҳалли он” ибрози андеша намудам. Бояд зикр намуд, ки яке аз масъалаи муҳимме, ки бояд зери танзими қонунгузории сайёҳӣ қарор гирад, ин бехатарии сайёҳ ҳангоми сайёҳат мебошад. Вақте ки давлат мехоҳад аз ин намуди фаъолият маблағҳои зиёд ба буҷет ворид гардад ва сайёҳон бештар таваҷҷуҳ ба ин мамлакат зоҳир намоянд, бояд кафолатҳои ҳуқуқӣ бештар карда шаванд ва сайёҳон худро дар як фазои бехатар эҳсос кунанд.



Маҳз мубрамияти ин масъала буд, ки дар асоси дастури Президенти кишвар дар оғози моҳи августи соли ҷорӣ дар шуъбаи экологии ВКД ҶТ полиси сайёҳӣ таъсис дода шуд. Ин иқдом имконият медиҳад, ки бехатарии сайёҳон дар ҶТ кафолат дода шавад. Вобаста ба бехатарии сайёҳӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи туризм” чунин меъёр дарҷ шудааст: “Сайёҳон вазифадоранд қоидаҳои шахсии бехатариро ҳангоми сайёҳат риоя намоянд”( б. 7, қ.2, м.16). Дигар меъёре, ки бехатарии сайёҳиро дар бар мегирад дар қонуни номбурда вуҷуд надорад. Ба таври мушаххас ифода кардани бехатарии сайёҳӣ нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳатто дар қонуни номбурда мафҳуми



**Хайём РАҶАБЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

бехатарии сайёҳ оварда нашудааст. Инчунин, дар Қонуни ҶТ “Дар бораи сайёҳи дохилӣ” дар боби 9-уми моддаи 58 сухан дар бораи бехатарии сайёҳати шаҳрвандон меравад. Мувофиқи ин боби қонун, уҳдадории бехатарии сайёҳон ба зимаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот гузошта шудааст. Қонуни номбурда низ ба таври мушаххас бехатарии сайёҳонро танзим намекунад. Аз ин рӯ, дар қонунҳои зикршуда масъалаи бехатарии сайёҳӣ ба таври муфассал танзим нагардидааст.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронида, мо ба хулоса омадаем, ки чунин пешниҳодҳоро барои такмили қонунгузории сайёҳӣ иброз намоем:

1) Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи сайёҳӣ” боби алоҳида оид ба бехатарии сайёҳӣ илова карда шавад.

2) Масъулияти бехатарии сайёҳӣ ба зимаи ширкатҳои хизматрасонии сайёҳӣ гузошта шавад. Ширкатҳои хизматрасонии сайёҳӣ дар ҳамкорӣ бо полиси сайёҳӣ ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бехатарии сайёҳонро таъмин намоянд.

3) Ҳангоми ворид гардидани сайёҳон ба Тоҷикистон онҳо ҳатман бе монеа ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, зеро ширкатҳои хизматрасонии сайёҳӣ тавонанд ба ин восита бехатарии онҳоро таъмин намоянд.

**Соли нав соли умеду ҳам бароры кор бод!**
**Дар саодатмандӣ ӯро олами афкор бод!**
**Дар раҳи ободӣ доим миллатам бедор бод!**
**Хайр эй соли куҳан, хуш омадӣ, эй соли нав!**